


# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№49-50 (4945-4946)

ҶУМЪА, 18 АПРЕЛИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

www.sadoimardum.tj






## МАҶЛИСИ ҒАЙРИНАВБАТИИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**17-уми апрели соли 2025 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Ҳукумати кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси ғайринавбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.**

Дар маҷлис, ки бо иштироки аъзои Ҳукумат, роҳбарони мақомоти дахлдор ва раисони ноҳияҳои Рашту Тоҷикобод ҷараён гирифт, масъалаи дақиқ муайян намудани оқибатҳои заминҷунбӣ дар ноҳияҳои Рашту Тоҷикобод ва бартарафсозии онҳо баррасӣ шуд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки ҳадаф аз баргузор кардани маҷлиси ғайринавбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар чӣ зудтар бартараф намудани оқибатҳои заминҷунбӣ, дастгирӣ ва расонидани кумаки ҳаматарафа ба аҳолии осебдида мебошад.

Таъкид гардид, ки бо мақсади муайян намудани хисороти расида аз ин офати табиӣ ва ташкили корҳои бартарафсозии оқибатҳои он ба таври фаврӣ комиссияи ҳукуматӣ таҳти роҳбарии муовини Сарвазири кишвар дар ҳайати роҳбарони вазорату идораҳо таъсис ёфта, ба ноҳияҳои Рашт ва Тоҷикобод сафарбар гардид.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба оқибатҳои заминҷунбӣ ва ташкили корҳои бартарафсозӣ роҳбари комиссияи ҳукуматӣ муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Зиёзода, роҳбарони мақомоти дахлдор ва раисони ноҳияҳои Рашту Тоҷикобод гузориш доданд.

Гуфта шуд, ки 13 апрели соли 2025, соати 09:24 дақиқа, дар ҳудуди кишвар заминҷунбӣ ба амал омад. Маркази он дар масофаи 160 километр дуртар аз шаҳри Душанбе ва 21 километр аз ноҳияи Рашт буда, қувваи заминҷунбӣ дар маркази он 5-6 балл, дар ҳудуди минтақаи Рашт 4-5 балл ва шаҳри Душанбе 3 баллро ташкил дод. Худи ҳамон рӯз се ҳолати дигари заминҷунбӣ дар минтақаи мазкур бо қувваи камтар ба қайд гирифта шуд.

Тибқи маълумот, дар ноҳияҳои мазкур, дар маҷмуъ, 65 хонаи истиқоматӣ пурра ва 193 хона қисман вайрон шуда, ба 150 хонаи дигар осеби сабук ва ба 193 иншооти ёрирасон зарар расидааст. Аз ҷумла, 1 беморхонаи минтақавӣ, 2 бунгоҳи тиббӣ, 8 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дигар иншоот зарар дидаанд.

Дар натиҷаи ин офати табиӣ 1 нафар ба ҳалокат расида, 16 нафари дигар ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ бардоштанд.

Ба Сарвари давлат иттилоъ дода шуд, ки корҳо оид ба дақиқ намудани ҳаҷми пурраи хисорот идома дорад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## БА ИМЗО РАСИДАНИ ҚОНУНҲО

**15-уми апрели соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба қонунҳое, ки Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва ҷонибдорӣ намудаанд, имзо гузоштанд.**

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дахолат кардан ба таҷҳизоти ҳисоби баркӣ бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ ё бе пайваст шудан ба таҷҳизоти ҳисоби баркӣ истифода бурдани қувваи барқ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст. Барои содир намудани ин ҷиноят ба маблағи калон ё махсусан калон, бо истифода аз вазифаи хизматӣ, аз ҷониби гурӯҳи шахсон, гурӯҳи муташаккил ё ташкилоти ҷиноятӣ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то даҳ сол пешбинӣ шудааст.

Қонунҳои дигари баимзорасида бо мақсади ҳифзи муҳити зист ва саломатии аҳолӣ аз партовҳои нақлиёти автомобилии фарсуда, инчунин, такмили меъёрҳои андоз ва пардохтҳои ҳатмӣ қабул гардидаанд.

Қонунҳои баимзорасида барои таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва некуаҳволии шаҳрвандон равона шудаанд.

**www.prezident.tj**



## САФАРИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА РОССИЯ

**17-уми апрели соли 2025 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи навбатии Шуро ва ҷаласаи 58-уми пленарии Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба Федератсияи Россия сафар карданд.**

Дар ин сафар Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро раисони кумитаҳои Маҷлиси миллӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ намуданд.

**17-уми апрели соли равон Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои иштирок дар ҷаласаи навбатии Шуро ва ҷаласаи 58-уми пленарии Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил вориди шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Пулково меҳмони олиқадр - Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро намояндагони расмии Шурои Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва маъмурияти шаҳри Санкт-Петербург, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва дигар шахсони расмӣ самимона истиқбол гирифтанд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум

## НАМОЯНДАИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ДАР СУДИ КОНСТИТУТСИОНӢ ИНТИХОБ ШУД

**Шонздаҳуми апрели соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 61 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсулло Хайруллозода, вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Завқӣ Завқизода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода, директори Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зайнулло Шарифзода, сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Санъат Раҳим ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**(Давомаш дар саҳ. 4)**



## МУЛОҚОТИ ФАЙЗАЛӢ ИДИЗОДА БО ЗАРАРДИДАГОНИ ЗАМИНЛАРЗА

**17-уми апрели соли 2025 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода бо зарардидагони заминларза, ки 13-уми апрели соли ҷорӣ дар ноҳияҳои Рашту Тоҷикобод рух дода буд, вохӯрӣ намуд.**

Зимни мулоқот Раиси Маҷлиси намояндагон Файзалӣ Идизода дар деҳаи Ярхаби деҳоти Ҳиҷбораки ноҳияи Рашт бо оилаҳои зарардида иброз намуд, ки баъди рух додани заминларза бо супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон комиссияи ҳукуматӣ таҳти роҳбарии муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Зиёзода ба ноҳияҳои водии Рашт сафарбар гардида, 15-уми апрел дар асоси дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба зарардидагони заминларза кумакҳо иборат аз хӯрокворӣ, ашёи хоҷагидорӣ ва масолеҳи сохтмонӣ фиристода шуд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба сархати понздаҳуми қисми 4 моддаи 251 ва сархати ҳаштуми қисми 1 моддаи 286 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2021, №12, қ. 1, мод. 681; с. 2022, №1-3, мод. 18, №12, қ. 2, мод. 774; с. 2023, №1-3, мод. 8, №11, мод. 472; с. 2024, №5-6, мод. 267; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 феврали соли 2025, №2143) пас аз калимаи «троллейбусҳо» калимаҳои «(агар аз санаи барориш 1 (як) сол нагузашта бошад)» илова карда шаванд.

**Моддаи 2**. Қонуни мазкур 1 моҳ пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 апрели соли 2025, №2158**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 11 апрели соли 2025, №29**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ф. ИДИЗОДА**
**ш. Душанбе, 2 апрели соли 2025, №54**

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба моддаи 237 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2021, №12, қ. 1, мод. 681; с. 2022, №1-3, мод. 18, №12, қ. 2, мод. 774; с. 2023, №1-3, мод. 8, №11, мод. 472; с. 2024, №5-6, мод. 267; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 феврали соли 2025, №2143) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

- аз қисми 1 калимаҳои «ба истиснои суди саҳмияҳо ё ҳиссаи давлатии корхонаҳое, ки тибқи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун пардохтҳои дигари ҳатмӣ (пардохтҳои ғайриандозӣ) аз фоидаи соф ба буҷети давлатӣ пардохт карда мешаванд,» хориҷ карда шаванд;
- аз қисми 2 калимаҳои «инчунин даромади корхонаҳое, ки тибқи дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун пардохтҳои ҳатмии дигар (пардохтҳои ғайриандозӣ) воқеан андозбандӣ гардидаанд,» хориҷ карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур 1 моҳ пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 апрели соли 2025, №2159**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 11 апрели соли 2025, №30**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ф. ИДИЗОДА**
**ш. Душанбе, 2 апрели соли 2025, №58**

# МАҶЛИСИ ҒАЙРИНАВБАТИИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(Идома аз саҳ. 1)**

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди гузориши шахсони масъул барои ҳар чӣ зудтар ва пурра рафъ намудани оқибатҳои ин заминҷунбӣ, ҳалли мушкилиҳои пешомада ва бо ёриву ғамхории ҳамаҷониба фаро гирифтани аҳолии осебдида ба комиссияи ҳукуматӣ, мақомоти дахлдор ва раисони ноҳияҳои Рашту Тоҷикобод супоришҳои мушаххас доданд. Аз ҷумла, комиссияи ҳукуматӣ ва ситодҳои ноҳиявии Рашту Тоҷикобод вазифадор гардиданд, ки оид ба муайян намудани хисороти расида аз заминҷунбӣ, ташкили корҳои бартарафсозӣ ва дар муҳлати кӯтоҳ пурра бартараф намудани оқибатҳои офати табиӣ фавран чораҳои зарурӣ андешанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Рашт ва Тоҷикобод, дигар сохторҳои марбута аз Роҳбари давлат супориш гирифтанд, ки ҳаҷм ва маблағи зарари расидаро бо назардошти рӯйхати оилаҳои хонаҳояшон пурраву қисман вайроншуда ва дигар бинову иншооти зарардида фавран муайян намоянд.

Ҳамчунин, дастур дода шуд, ки шахсони масъул дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқгардидаи комиссияҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодаи ноҳияҳои Рашту Тоҷикобод рӯйхати аниқшудаи оилаҳои зарардидаро барои расонидани кумакҳои яквақтаинаи моддӣ пешниҳод намоянд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақомоти марбута барои арзёбии ҳолати бинову иншооти давлатии зарардида, ҷудо намудани ҳаҷми зарурии масолеҳи сохтмонӣ, маводи хӯрока ва ниёзи аввалия, бо назардошти меъёрҳои сохтмонии ба заминҷунбӣ тобовар таҳия кардани лоиҳаи хонаҳои чорҳуҷрагӣ ва дуҳуҷрагӣ, барои дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин сохтани хонаҳо ба оилаҳои осебдида супориш доданд.

Дастур дода шуд, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Рашт ва Тоҷикобод баъд аз дастрас гардидани масолеҳи сохтмонӣ якҷо бо аҳолӣ ва шахсони саховатпешаву ватандӯсти кишвар барои тариқи ҳашар ба роҳ мондани корҳои сохтмонӣ ва барқарорсозии хонаҳои вайроншуда тадбирҳо андешанд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сохторҳои марбута барои ҷудо намудани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба оилаҳои хонаҳояшон вайроншуда баҳри бунёди манзили истиқоматӣ дар мавзеъҳои амн супориш доданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз вазорату идораҳои дахлдор талаб карданд, ки барои ҳар чӣ зудтар ба роҳ мондани раванди таълим, ба табобати саривақтӣ фаро гирифтани нафарони ҷароҳатҳои ҷисмонӣ бардошта, назорати қатъии ҳолати санитарию эпидемиологӣ дар минтақаҳои аз офати табиӣ зарардида ва сари вақт таъмин кардани сокинон бо маводи доруворӣ ва дигар лавозимоти тиббӣ чораҳои қатъӣ андешанд.

Таъкид гардид, ки фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва раванди таълиму тарбияи хонандагон, аз ҷумла дар ҷойҳои муваққатӣ, бояд бемонеа идома ёбад.

Дар асоси супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохторҳои дигар вазифадор шуданд, ки оид ба кӯчонидани аҳолӣ аз мавзеъҳои дорои хавфи баланди сейсмикии ноҳияҳои Рашту Тоҷикобод, омӯзиши ҳамаҷонибаи оқибатҳои заминҷунбӣ ва сабабҳои ба вуқӯъ омадани онро ба роҳ монда, барои сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар дар минтақаи осебдида ба Ҳукумати кишвар таклиф пешниҳод намоянд.

Ширкати «Тоҷиксуғурта» якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Рашт ва Тоҷикобод аз Сарвари давлат супориш гирифтанд, ки ба ҳар як оилаи аз заминҷунбӣ зарардида, сарфи назар аз мавҷудияти шартномаи суғуртавӣ, тибқи рӯйхати тартибдодаи комиссияи ҳукуматӣ маблағ пардохт намояд.

Аз мардуми саховатпешаю савобҷӯ, аз ҷумла онҳое, ки маблағҳои зиёди худро барои ҳаҷ ва умра сарф мекунанд, даъват карда шуд, ки хайроту садақоти худро ба расонидани кумак ба зарардидагони ин ва дигар офатҳои табиӣ низ равона созанд.

Ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Рашт ва Тоҷикобод дастур дода шуд, ки хонаҳои навро барои оилаҳои хонаҳояшон пурра вайроншуда то якуми ноябр пурра ба истифода супорида, минбаъд корҳоро дар самти пешгирии оқибатҳои офатҳои табиӣ, аз ҷумла омода намудани инфрасохтори дахлдор, огоҳии аҳолӣ ва дигар чорабиниҳо ба роҳ монанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарону масъулини вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Рашт ва Тоҷикободро вазифадор карданд, ки бо дарки масъулияти баланд иҷрои вазифаҳои гузошташударо сари вақт таъмин намуда, аз натиҷааш мунтазам ба Ҳукумати кишвар маълумот пешниҳод намоянд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назорати иҷрои дастуру супоришҳоро оид ба бартараф намудани оқибатҳои заминҷунбӣ ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор намуданд.

# МУЛОҚОТИ ФАЙЗАЛӢ ИДИЗОДА БО ЗАРАРДИДАГОНИ ЗАМИНЛАРЗА

**(Идома аз саҳ. 1)**

Таъкид гардид, ки ҷараёни бартарафсозии оқибатҳои офати табиӣ ва рафти расонидани кумакҳои аввалия ба мардуми зарардида таҳти назорат ва таваҷҷуҳи доимии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Дар идомаи сафари корӣ Раиси Маҷлиси намояндагон Файзалӣ Идизода ба беморхонаи марказии ноҳияи Рашт рафта, аз вазъи саломатии ҳар як нафари дар натиҷаи офати табиӣ осебдида хабар гирифт.

**Дар идомаи сафари корӣ Раиси Маҷлиси намояндагон Файзалӣ Идизода дар деҳаи Аскалони ноҳияи Рашт бо оилаҳои зарардида аз заминларза мулоқот намуда, аз манзилҳои истиқоматии осебдида дидан намуд.**

Сипас, дар идомаи сафар Файзалӣ Идизода ба ноҳияи Тоҷикобод рафта, бо сокинон ва оилаҳои зарардида мулоқот анҷом дода, аз манзилҳои истиқоматии оилаҳои зарардида, инчунин, аз муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16 ва маркази саломатии «Бӯстон» дидан намуд.

Дар мулоқот таъкид шуд, ки ҷараёни бартарафсозии оқибатҳои офати табиӣ ва рафти расонидани кумакҳои аввалия ба мардуми зарардида таҳти назорати бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Зарардидагони офати табиӣ иброз доштанд, ки аз кумакҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сари вақт бархӯрдор гардида, ба Сарвари давлат ва Ҳукумати кишвар барои ғамхориҳои доимӣ изҳори сипос намуданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**



# САФАРИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА РОССИЯ

**(Идома аз саҳ. 1)**

**17-уми апрели соли ҷорӣ дар ҳошияи ҷаласаи Шуро ва ҷаласаи 58-уми пленарии Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси федералии Федератсияи Россия муҳтарам Валентина Матвиенко мулоқот намуданд.**

Дар мулоқот вазъи кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои ҳамкории стратегӣ ва ҳампаймонии Тоҷикистону Россия, ки дар рушду тавсеаи мунтазами онҳо талошҳои муштараки сарони ҳар ду давлат нақши калидӣ доранд, баррасӣ гардид.

Таъкид шуд, ки саҳми робитаҳои байнипарламентӣ, аз ҷумла фаъолияти густурдаи комиссия оид ба ҳамкории байни Маҷлиси миллӣ ва Шурои Федератсия, дар таъмиқи муносибатҳои бисёрҷонибаи Тоҷикистон ва Россия назаррас аст.

Ҷонибҳо аз тамоюли мусбати рушди ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангию гуманитарӣ миёни ҳар ду кишвар изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Истифодаи босамари зарфиятҳои мавҷуда дар самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ, саноат, аграрӣ ва илму фарҳанг зарур дониста шуд.

Дар вохӯрӣ ҷонибҳо оид ба масъалаҳои дигари рӯзномаи байналмилалию минтақавӣ низ табодули афкор намуданд.

Ҷонибҳо ба рушди босуръати муносибатҳои ду давлат дар соҳаҳои мухталифи ҳамкорӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, густариши минбаъдаи робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитариро муҳим шумориданд.

Дар идомаи суҳбат доир ба масъалаҳои умдаи минтақавӣ ва байналмилалӣ табодули афкор шуд.

**17-уми апрели соли равон дар шаҳри Санкт-Петербург ҷаласаи навбатии Шурои Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор гардид, ки дар он Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Дар ҷаласаи мазкур, инчунин, Раиси Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко ва роҳбарони парламентҳо ва ҳайатҳои парламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ширкат варзиданд.

Тибқи рӯзнома дар Шурои Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил масъалаҳо доир ба ҷамъбасти фаъолияти Шурои Ассамблеяи байнипарламентӣ дар соли 2024, ташкили мушоҳидаҳои интихобот дар ҳудуди давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ҳамкории кишварҳои созмон оид ба таҳкими амнияти наздисарҳадӣ дар марзҳои берунӣ ва дигар масоили ҷорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Зимни суханронӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ оид ба натиҷаҳои интихоботи парламентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози назар карда, аз кори мушоҳидони байналмилалии Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил изҳори қаноатмандӣ намуданд.





**17-уми апрели соли 2025 дар доираи сафари корӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Танзила Нарбаева мулоқот анҷом доданд.**

Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо вазъи имрӯза ва дурнамои муносибатҳои ҳамкории стратегӣ ва ҳампаймонии Тоҷикистону Ӯзбекистонро, ки дар заминаи эътимоду боварии мутақобила рушду тавсеа меёбад, баррасӣ намуданд.

Имзои Аҳдномаи байни ду кишвар дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ рӯйдоди муҳими таърихӣ номида шуд.

Ҳар ду ҷониб аз тавсеаи бемайлони равобити байнипарламентии Маҷлиси миллӣ ва Сенати Олий Маҷлис изҳори қаноатмандӣ намуданд.

**www.majmilli.tj**

# СУҲБАТИ ШЕРМУҲАММАД ШОҲИЁН БО ҲАСАН ЗАМОНӢ



**16-уми апрели соли 2025 муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шермуҳаммад Шоҳиён бо ҳайати Ҷумҳурии Исломии Эрон таҳти роҳбарии муовини раиси Девони муҳосиботи Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳасан Замонӣ мулоқот намуд.**

Зимни вохӯрӣ оид ба рушди муносибатҳои байнипарлумонӣ, муштаракоти таърихӣ, тамаддунӣ, забонӣ ва фарҳангии байни кишварҳо сухан рафта, таъкид шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳоро бо кишвари дӯсту бародари Эрон ривоҷ медиҳад.

Дар рафти мулоқот, махсусан, аҳамияти сафарҳои роҳбарони давлатҳои Тоҷикистону Эрон ва ба имзо расидани санадҳои муҳими ҳамкорӣ таъкид гардид.

Шермуҳаммад Шоҳиён иброз намуд, ки ҳамкориҳо байни Тоҷикистону Эрон дар самтҳои иқтисоду тиҷорат ва илму фарҳанг хеле пурмаҳсул аст. Вазъи кунунии ҳамкориҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёт падидаи нек ва самараи дӯстии халқҳои тоҷику эронӣ арзёбӣ гардид.

# БАРРАСИИ ҲАМКОРӢ БО ФАРОНСА

**16-уми апрели соли 2025 муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ бо Сенатори фаронсавиҳои бурунмарзӣ, ноиби президенти Институти миллии забонҳо ва тамаддунҳои Шарқ хонум Саманта Казебон мулоқот намуданд.**



Зимни мулоқот таъкид гардид, ки саҳми беназири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Фаронса Эммануел Макрон дар фароҳамоварии фазои мусоид ҷиҳати ташаккули муносибатҳои дуҷониба басо бузург аст.

Иштироки президентҳои ҳар ду кишвар дар ифтитоҳи расмии намоишгоҳи нигораҳои таърихӣ таҳти унвони «Тоҷикистон - кишвари дарёҳои тиллоӣ» дар осорхонаи миллии санъати осиёии «Гиме»-и шаҳри Париж (13-уми октябри соли 2021), инчунин, ширкати намояндаи Президенти Фаронса оид ба саммити «One water» хонум Барбара Помпилӣ дар Конфоронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» инъикоскунандаи мароми сарони ҳар ду кишвар ва мардумони онҳо баҳри вусъати ҳамкориҳои Тоҷикистону Фаронса ба ҳисоб меравад.

Дар хотима иброз гардид, ки гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ барои таҳкими равобити дӯстонаи ҳар ду ҷониб заминаҳои рушди боэътимод фароҳам хоҳанд овард.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

Минбари вакил

# ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА НИГАРОНИҲОИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ

**Дар баробари вазъи мураккаби сиёсии ҷаҳон ва бархӯрди манфиатҷӯёнаи абарқудратҳо тағйирёбии иқлим низ инсониятро нигарон кардааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 4 апрели соли ҷорӣ дар ифтитоҳи Ҳамоиши сатҳи баланди «Осиёи Марказӣ дар баробари мушкилоти глобалии иқлим: муттаҳидшавӣ барои шукуфоии умумӣ» аз ҷумла таъкид намуданд: «Тамоми ҷаҳон имрӯз рӯбарӯйи мушкилоти тағйирёбии иқлим қарор дорад ва минтақаи мо низ аз ин истисно нест».**

Мувофиқи маълумоти бахши ҳифзи муҳити зисти СММ солҳои 1960-1970 масоҳати ҷангалзори сайёраи замин на кам аз 7,8 миллиард гектар ва шумораи аҳолии сайёра 3,020-3,62 миллиард нафарро ташкил медод. Солҳои 2018-2022 масоҳати ҷангалзори сайёраи замин ба 4,2 миллиард ва шумораи аҳолӣ ба 7,97 миллиард расид. Яъне, тайи 50-60 сол ҷангалзор 45-46 дарсад кам ва шумораи аҳолӣ 1,49 маротиба зиёд шудааст.

Дар як сол на кам аз 260 миллион тонна партовҳои оксиди силитсий,160 миллион тонна партовҳои дуоксиди сулфур, беш аз 200 миллион тонна партовҳои дуоксиди карбон, зиёда аз 80 миллион тонна партовҳои гази метан, зиёда аз 100 миллион тонна пайвастаҳои хлордор хориҷ шудааст, ки боиси заҳролудшавии ҳавои атмосфера ва шиддатнок гардидани тағйирёбии иқлим мебошанд.

Бинобар вазъи баамаломада Сарвари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон даъват ба амал оварданд, ки кишварҳои минтақа якҷоя кӯшиш намоянд ва ҷомеаи чаҳонӣ дар бартарафсозии ин мушкилот бояд ба ҳамдигар кумак расонанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми бист соли охир роҷеъ ба рафъи мушкилоти марбут ба обу иқлим дар арсаи ҷаҳонӣ пешсаф мебошад ва ташаббускор маҳсуб мешавад. Аз ҷумла, қабули 14 қатъномаи дахлдори Маҷмаи умумии СММ бо ташаббуси Тоҷикистон барои ноил шудан ба ҳадафҳои ҳамоҳангшудаи глобалӣ дар соҳаи захираҳои об заминаи мустаҳкам гузошт.

Ҳифзу беҳдошти табиат борҳо аз минбарҳои баланди сатҳи байналмилалӣ аз тарафи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид гардидааст. Дар дохили кишвар низ барои кам кардани таъсири тағйирёбии иқлим тадбирҳо зиёданд. Тавре маълум аст, дар ду даҳсолаи садаи XXI бинобар гармшавии иқлим обшавии пиряххо мушоҳида мешавад. Аз ин лиҳоз, дар кишвар «Барномаи давлатии омӯзиш ва ҳифзи пиряххо дар Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030» қабул шуда, тибқи ин барнома Маркази омӯзиши пиряххо таъсис ёфт.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамоиши зикршуда бори дигар таъкид карданд, ки пиряххои Тоҷикистон манбаи захираҳои обии минтақа мебошанд ва 60 дарсади онҳо дар ҳудуди кишвари мо ташаккул меёбад. Мутаассифона, таъсири тағйирёбии иқлими ҷаҳонӣ боиси обшавии босуръати пиряххо гардидааст. Аз 14 ҳазор пирях дар Тоҷикистон 1300 пирях дар панҷоҳ соли охир комилан об шудааст. Ин тамоюли хеле ташвишовар аст, зеро пиряхҳои мо танҳо манбаи об набуда, дар ҳифзи иқлими минтақа низ нақши муҳим мебозанд.



Маҷмаи умумии СММ бо ибтикори Тоҷикистон соли 2025-ро «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва 21 мартро «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо» эълон намуд. Тавре маълум аст, моҳи майи соли равон дар шаҳри Душанбе нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо доир мешавад, ки ин боз як нақши назарраси Тоҷикистон дар рӯзномаи ҷаҳонии иқлим хоҳад буд.

Бар асари тағйирёбии иқлим дар баробари нобудшавии пиряххо сол ба сол меъёри боришот ва захираҳои об кам шуда, зарари он ба соҳаҳои гуногун баръало мушоҳида мегардад. Дар чунин шароит истифодаи оқилонаю сарфакоронаи об ҳатмӣ мебошад. Дар моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он» омадааст: «Оби нӯшокиро барои эҳтиёҷоти маишӣ ва истеҳсолӣ самаранок ва оқилона истифода баранд. Ҳаққи хизматрасонии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партовро мувофиқи тарифҳои муқарраргардида сари вақт пардохт намоянд».

Айни ҳол нисбат ба солҳои пеш истифодаи об 2,5 маротиба зиёд шуда, аз ҳар як нафар масъулиятшиносиро талаб мекунад. Беаҳамиятӣ ба ин масъалаи муҳими ҳаётӣ, ифлосшавии он боиси зери суол рафтани таъмини амнияти озуқаворӣ, кам шудани истеҳсоли маҳсулот, баланд шудани сатҳи камбизоатӣ, зиёд шудани заминҳои холимонда (яъне дегидрататсия), афзоиши касалиҳои гуногун ва ғайра мегардад. Бинобар ин, истифодаи технологияҳои муосири каммасраф шарти асосии кам кардани талафоти об ба ҳисоб меравад.

**Неъматулло ХОЛБОЙЗОДА, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИР БА КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ҷадвали қисми 1 моддаи 360 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2021, №12, қ. 1, мод. 681; с. 2022, №1-3, мод. 18, №12, қ. 2, мод. 774; с. 2023, №1-3, мод. 8, №11, мод. 472; с. 2024, №5-6, мод. 267, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 феврали соли 2025, №2143) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

| Номи объектҳои андозбандӣ | Меъёри андоз бо фоиз нисбат ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо |
|---|---|
| Мотосикл ва мотороллерҳо (барои ҳар як қувваи асп) | 2,5 |
| Автомобилҳои сабукрав (барои ҳар як қувваи асп): | |
| - то 250 қувваи асп; | 12 |
| - аз 250 то 350 қувваи асп; | 15 |
| - зиёда аз 350 қувваи асп | 20 |
| Автобусҳо | 15 |
| Автомобилҳои боркаш (иқтидори борбардориашон то 40 тонна) (барои ҳар як қувваи асп); | 15 |
| автомобилҳои боркаш (иқтидори борбардориашон зиёда аз 40 тонна) (барои ҳар як қувваи асп) | 20 |
| Тракторҳо, воситаҳои нақлиёти муҳаррикдор барои сохтмон, механизмҳои худгарди пневматикӣ ва тасмачарх, ба истиснои дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда (барои ҳар як қувваи асп) | 4 |
| Барфгард, чанаҳои муҳаррикдор (барои ҳар як қувваи асп) | 3,8 |
| Завракҳо, киштиҳои муҳаррикдор, яхтаҳо, киштиҳои бодбондор, обгардҳои муҳаррикдор ва воситаҳои нақлиёти дигари обӣ (барои ҳар як қувваи асп) | 15 |
| Локомотивҳои дар роҳи оҳан истифодашаванда (барои ҳар як қувваи асп) | 2 |
| Ҳавопаймоҳо, чархболҳо ва воситаҳои нақлиёти дигари ҳавоӣ (барои ҳар як килограмм фишори муҳаррики реактивӣ) | 15 |

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз 1 моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 апрели соли 2025, №2160**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 11 апрели соли 2025, №31**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. ИДИЗОДА**
**ш. Душанбе, 2 апрели соли 2025, №60**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИР БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ДИГАР ПАРДОХТҲОИ ҲАТМӢ БА БУҶЕТ»

**Моддаи 1.** Аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз 28 июли соли 2006 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2006, №7, мод. 345; с. 2009, №5, мод. 327; с. 2010, №1, мод. 3; с. 2011, №12, мод. 848; с. 2013, №3, мод. 191; с. 2015, №11, мод. 971; с. 2016, №7, мод. 629, №11, мод. 884; с. 2019, №4-5, мод. 230, №6, мод. 324, мод. 325; с. 2021, №6, мод. 396; с. 2023, №12, мод. 576; с. 2024, №5-6, мод. 268) сархати бисту дуюми қисми 2 моддаи 4 ва боби $16^2$ хориҷ карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз 1 моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 апрели соли 2025, №2166**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 11 апрели соли 2025, №34**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. ИДИЗОДА**
**ш. Душанбе, 2 апрели соли 2025, №52**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2021, №12, қ. 1, мод. 681; с. 2022, №1, 2-3, мод. 18, №12, қ. 2, мод. 774; с. 2023, №1-3, мод. 8, №11, мод. 472; с. 2024, №5-6, мод. 267, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 феврали соли 2025, №2143) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба банди 6) қисми 2 моддаи 189 пас аз калимаи «истеҳсолшуда» калимаҳои «аз моҳе, ки дар он истеҳсоли молҳо оғоз ёфтааст» илова гардида, калимаи «фонди» ба калимаи «сармояи» иваз карда шавад.

2. Дар қисми 4 моддаи 251:

- ба сархати сездаҳум пас аз калимаи «чорво» калимаҳо ва рақамҳои «аз 1 июни соли 2025 ба андозаи 75 дарсад ва аз 1 январи соли 2026 ба андозаи 50 дарсади меъёри андоз аз арзиши иловашудаи дар банди 1) қисми 1 моддаи 264 ва қисми 4 моддаи 397 Кодекси мазкур пешбинишуда» илова карда шаванд;
- ба сархати чордаҳум пас аз калимаҳои «ниҳоӣ» ва «мекунад» мувофиқан калимаҳои «аз ҷониби супорандагони андоз аз арзиши иловашуда» ва «аз 1 июни соли 2025 ба андозаи 75 дарсад ва аз 1 январи соли 2026 ба андозаи 50 дарсади меъёри андоз аз арзиши иловашудаи дар банди 1) қисми 1 моддаи 264 ва қисми 4 моддаи 397 Кодекси мазкур пешбинишуда» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур аз 1 июни соли 2025 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 апрели соли 2025, №2161**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 11 апрели соли 2025, №28**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 26 феврали соли 2025, №1583**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА КОДЕКСИ ГУМРУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба банди 17) қисми 1 моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №12, қ. 2, мод. 703, мод. 704; с. 2006, №3, мод. 159; с. 2007, №7, мод. 681; с. 2008, №6, мод. 459, №10, мод. 818; с. 2011, №3, мод. 160, №6, мод. 458; с. 2012, №4, мод. 250, №7, мод. 695, мод. 724, №8, мод. 818, №12, қ. 1, мод. 1000; с. 2013, №12, мод. 879; с. 2015, №3, мод. 211; с. 2016, №3, мод. 151, №7, мод. 625, №11, мод. 882; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 278, мод. 279; с. 2018, №2, мод. 68, №7-8, мод. 528; с. 2019, №4-5, мод. 228, №6, мод. 323; с. 2020, №1, мод. 24, №12, мод. 920; с. 2021, №1-2, мод. 18; с. 2022, №1-3, мод. 19, №7, мод. 448, №12, қ. 2, мод. 772; с. 2023, №11, мод. 473; с. 2024, №7-11, мод. 540) пас аз калимаи «троллейбусҳо» калимаҳои «(агар аз санаи барориш 1 (як) сол нагузашта бошад)» илова карда шаванд.

**Моддаи 2**. Қонуни мазкур пас аз 1 моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 апрели соли 2025, №2162**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 11 апрели соли 2025, №32**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. ИДИЗОДА**
**ш. Душанбе, 2 апрели соли 2025, №56**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №9, мод. 68, мод. 69, №22, мод. 306; с. 1999, №12, мод. 316; с. 2001, №4, мод. 149, мод. 167; с. 2002, №11, мод. 675, мод. 750; с. 2003, №8, мод. 456, мод. 468; с. 2004, №5, мод. 346, №7, мод. 452, мод. 453; с. 2005, №3, мод. 126, №7, мод. 399, №12, мод. 640; с. 2007, №7, мод. 665; с. 2008, №1, қ. 1, мод. 3, №6, мод. 444, мод. 447, №10, мод. 803, №12, қ. 1, мод. 986, №12, қ. 2, мод. 992; с. 2009, №3, мод. 80, №7-8, мод. 501; с. 2010, №3, мод. 155, №7, мод. 550; с. 2011, №3, мод. 161, №7-8, мод. 605; с. 2012, №4, мод. 258, №7, мод. 694; с. 2013, №6, мод. 403, мод. 404, №11, мод. 785, №12, мод. 881; с. 2014, №3, мод. 141, №7, қ. 1, мод. 385, мод. 386; с. 2015, №3, мод. 198, мод. 199, №11, мод. 949, №12, қ. 1, мод. 1107; с. 2016, №3, мод. 127, №5, мод. 355, мод. 356, №7, мод. 608, мод. 609, №11, мод. 874, мод. 875; с. 2017, №1-2, мод. 2, мод. 3, №7-9, мод. 586; с. 2018, №1, мод. 4, мод. 5, №5, мод. 266, №7-8, мод. 522; с. 2019, №1, мод. 1, мод. 2, №6, мод. 311; с. 2020, №1, мод. 8, мод. 9, №7-9, мод. 607, мод. 623, №12, мод. 904; с. 2021, №4, мод. 196, №12, қ. 2, мод. 683; с. 2022, №7, мод. 437, мод. 438, №12, қ. 2, мод. 764, мод. 765; с. 2023, №11, мод. 457, мод. 458; с.2024, №5-6, мод.251), иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба қисми 6 моддаи 49 пас аз рақами «253,» рақам ва калимаҳои «$253^1$ (ба истиснои қисми 3),» илова карда шаванд.

2. Моддаи $253^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $253^1$. Вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ**

1. Аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ, инчунин истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ, агар чунин кирдор дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад, –

бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то панҷсаду чилу ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

2. Ҳамин кирдор, агар:

а) ба миқдори калон;

б) аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ;

в) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад,–

бо ҷарима ба андозаи аз ҳаштсад то як ҳазору дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз се то шаш сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

3. Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар:

а) ба миқдори махсусан калон;

б) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) содир шуда бошанд,–

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз шаш то даҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмии он мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 апрели соли 2025, №2163**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 11 апрели соли 2025, №26**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. ИДИЗОДА**
**ш. Душанбе, 2 апрели соли 2025, №46**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИР БА КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Моддаи 382 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №12, қ. 1, мод. 989, мод. 990; с. 2009, №5, мод. 321, №9-10, мод. 543; с. 2010, №1, мод. 2, мод. 5, №3, мод. 153, №7, мод. 547, №12, қ. 1, мод. 812; с. 2011, №6, мод. 430, мод. 431, №7-8, мод. 610, №12, мод. 838; с. 2012, №4, мод. 256, №7, мод. 685, мод. 693, №8, мод. 814, №12, қ. 1, мод. 1004; с. 2013, №3, мод. 181, №7, мод. 508; с. 2014, №3, мод. 143, мод. 144, №7, қ. 1, мод. 389, мод. 390; с. 2015, №3, мод. 201, №7-9, мод. 707, мод. 708, №11, мод. 955, №12, қ. 1, мод. 1108; с. 2016, №3, мод. 130, мод. 131, мод. 132, №5, мод. 359, мод. 361, №7, мод. 613, мод. 614, №11, мод. 877; с. 2017, №1-2, мод. 5, мод. 6, №5, қ. 1, мод. 275, №7-9, мод. 568, мод. 585; с. 2018, №1, мод. 9, №5, мод. 268, мод. 269; с. 2019, №1, мод. 8, №6, мод. 312, мод. 313, №7, мод. 464; с. 2020, №1, мод. 6, №7-9, мод. 604, мод. 606, мод. 621, №12, мод. 900, мод. 901; с. 2021, №6, мод. 384, мод. 385, №12, қ. 2, мод. 686, мод. 687, мод. 688, мод. 689; с. 2022, №1-3, мод. 12, №7, мод. 443, №12, қ. 2, мод. 768; с. 2023, №4-6, мод. 155, №11, мод. 459; с. 2024, №1-2, мод. 3, мод. 4, №5-6, мод. 253, №7-11, мод. 518, мод. 519) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 382. Риоя накардани қоидаҳои истифодаи қувваи барқ ва гармӣ**

Барои истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ, худсарона пайваст шудан (насб шудан) ба шабакаҳо ва дастгоҳҳои таъминоти барқ, истифодаи қувваи барқ ва гармӣ бе асбобҳои зарурии назоратӣ ва баҳисобгирӣ ё бе шартнома бо ташкилотҳои таъминоти қувваи барқ ва гармӣ, кандан ва шикастани пломбаҳои муқарраршудаи асбобҳои андозагирӣ, инчунин аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ, ҳангоми набудани аломатҳои таркиби ҷиноят, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз бист то сӣ, ба шахсони мансабдор аз сӣ то панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз дусад то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 апрели соли 2025, №2164**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 11 апрели соли 2025, №27**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. ИДИЗОДА**
**ш. Душанбе, 2 апрели соли 2025, №48**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИР БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ДИГАР ПАРДОХТҲОИ ҲАТМӢ БА БУҶЕТ»

**Моддаи 1.** Қисми 1 моддаи $63^{29}$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз 28 июли соли 2006 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2006, №7, мод. 345; с. 2009, №5, мод. 327; с. 2010, №1, мод. 3; с. 2011, №12, мод. 848; с. 2013, №3, мод. 191; с. 2015, №11, мод. 971; с. 2016, №7, мод. 629, №11, мод. 884; с. 2019, №4-5, мод. 230, №6, мод. 324, мод. 325; с. 2021, №6, мод. 396; с. 2023, №11, мод. 477, №12, мод. 576; с. 2024, №5-6, мод. 268) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Пардохт барои нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаҳои нақлиёти автомобилӣ (минбаъд - пардохт) тариқи ғайринақдӣ ситонида мешавад:

- аз воситаҳои нақлиёти автомобилии ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда аз ҷониби мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми барасмиятдарории гумрукии воситаҳои нақлиёт;
- аз воситаҳои нақлиёти автомобилии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта аз ҷониби мақомоти бозрасии давлатии автомобилӣ ҳангоми гузарондани муоинаи ҳатмии давлатии техникии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 апрели соли 2025, №2165**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 11 апрели соли 2025, №33**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. ИДИЗОДА**
**ш. Душанбе, 2 апрели соли 2025, №50**

# НАМОЯНДАИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ДАР СУДИ КОНСТИТУТСИОНӢ ИНТИХОБ ШУД

(Идома аз саҳ. 1)

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа 6 масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст?

Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Кувайт оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ»**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ»**

**5. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок»**

**6. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби намояндаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Кувайт оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя» сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсулло Хайруллозода дода мешавад. Марҳамат.



**Шамсулло ХАЙРУЛЛОЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқи лоиҳаи Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Кувайт оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя» бо мақсади ба анҷом расонидани расмиёти дохилидавлатӣ ва эътибори қонунӣ пайдо намудани муқаррароти он пешниҳод шудааст.

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Кувайт «Оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя» 23 июни соли 2013 дар шаҳри Ал - Кувайт ба имзо расида, бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 2013 таҳти №1333 тасдиқ (ратификатсия) гардида, қувваи эътибор пайдо намудааст.

Протокол дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба созишнома бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2022 таҳти №561 маъқул дониста шуда, 3 ноябри соли 2024 зимни сафари расмии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Давлати Кувайт аз тарафи намояндагони ҳар ду ҷониб дар шаҳри Ал-Кувайт ба имзо расонида шудааст.

Қобили қайд аст, ки тағйиру иловаҳои пешбинишуда ба сарлавҳа ва муқаддима, инчунин, моддаҳои 4, 25 ва 26 созишнома нигаронида шуда, ба талаботи модели Конвенсияи байналмилалӣ нисбат ба андозҳо аз даромад ва сармоя (OECD), ки соли 2017 нашр шудааст, мутобиқат намуда, ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқ мебошад. Мақсад аз таҳияи лоиҳаи протокол мукаммалнамоӣ ва таҳкими мубодилаи ахборот байни мақомоти дахлдори давлатҳои аҳдкунанда, ба танзим даровардани фоидаи андозбандишаванда, фароҳам овардани заминаи меъёрии ҳуқуқии дастрасии маълумот ва мушаххас намудани муқаррароти созишномаи амалкунанда ба шумор меравад. Лоиҳаи мазкур ҷиҳати ба танзим даровардани даромади андозбандишавандаи резидентҳои давлатҳои аҳдкунанда мусоидат менамояд. Аз шумо - вакилони арҷманд эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қарори пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ҳусния Исҳоқӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Ҳусния ИСҲОҚӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Кувайт оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя 3 ноябри соли 2024 дар шаҳри Ал - Кувайт ба имзо расида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Мақсаду ҳадафи асосии протокол ба фароҳам овардани заминаи меъёрии ҳуқуқии дастрасии маълумот ва мушаххас намудани муқаррароти созишномаи мазкур оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя равона гардидааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон протоколи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, бо пешниҳоди хулосаҳо онро ҷонибдорӣ намуданд.



Протоколи пешниҳодгардида бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи протоколи зикргардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Кувайт оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Завқӣ Завқизода дода мешавад. Марҳамат.

**Завқӣ ЗАВҚИЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» бо мақсади такмил додан ва содаю шаффоф гардонидани низоми банақшагирии ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ мебошад.

Тибқи низоми нав ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар се сатҳ - миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ таҳия ва татбиқ мегарданд. Ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо, нақшаи чорабиниҳо ва нақшаи амалро дар бар мегиранд.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ 231 консепсия, стратегия ва барномаҳои рушди соҳавӣ ва маҳаллӣ мавриди амалишавӣ қарор доранд. Аз ҷумла, «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025» ба ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дохил мешаванд.

Ҷиҳати иҷрои супориши Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ айни замон таҳияи «Барномаи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026 - 2030» идома дорад. Ҳамзамон, дар доираи тағйиру иловаҳо ба ин қонун ба низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ соҳаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва мудофиа, ки то ин дам истисно буданд, дохил карда шуданд. Илова бар ин, муҳлатҳои консепсияҳо 20 сол, стратегияҳо - 15, барнома - 5, нақшаи чорабиниҳо - 5 ва нақшаи амал 3 сол мушаххас карда шудаанд.

Дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва соҳавӣ барои 1 соли оянда ва параметрҳои он барои 2 соли баъдӣ таҳия карда мешаванд. Ғайр аз ин, баъзе монеаҳое, ки дар раванди татбиқи ин низом ба миён омаданд, бартараф карда шуданд. Аз ҷумла, мафҳуми нақшаи чорабиниҳо ва нақшаи амал муайян карда шуда, муҳлати нақшаи чорабиниҳо бо муҳлати барнома мутобиқ гардонида шуд, яъне 5 сол.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил ёфта, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025 таҳти №101 маъқул дониста шуда, барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ манзур гардидааст. Аз шумо - вакилони Маҷлиси намояндагон бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ»-ро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Тоҳир Набизода дода мешавад. Марҳамат.

**Тоҳир НАБИЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд.

Мақсад аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» такмил додани раванди банақшагирии ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва муқаррар намудани низоми ягона ва умумии банақшагирии стратегӣ мебошад.



Лоиҳаи қонуни мазкур тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни зикргардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба директори Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зайнулло Шарифзода дода мешавад. Марҳамат.

**Зайнулло ШАРИФЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» бо мақсади амалӣ намудани уҳдадориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи матритсаи чорабиниҳои сиёсати иқтисодӣ дар доираи лоиҳаи Бонки ҷаҳонӣ оид ба татбиқи марҳилаи нави чораҳои сиёсати рушд қабул гардидаанд, инчунин, иҷрои тавсияҳои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд ва Бонки ҷаҳонӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Бо мавриди амал қарор гирифтани тағйироту илова фаъолияти харидории ташкилотҳои харидори кишвар дар низоми хариди дав-



латӣ мустақил шуда, мақомоти ваколатдори давлатӣ ваколатҳои худро ҷиҳати таъмини риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» нигоҳ медорад. Тағйироту иловаи дигар ба сода гардонидани тартиби хариди баъзе мол ва хизматрасониҳои ғайримашваратӣ ва мукаммал гардонидани муқаррарот вобаста ба бархӯрди манфиатҳои намояндагони ташкилотҳои харидор зимни анҷом додани хариди давлатӣ равона карда шудаанд. Бо ворид намудани ҳамин тағйироту илова мувофиқан сари вақт қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ташкилотҳои харидор ба мол ва хизматрасониҳо ва беғаразии шахсони барои харид масъули ташкилоти харидор дар тамоми марҳилаҳои расмиёти хариди давлатӣ таъмин хоҳад гардид. Бинобар муҳимияти тағйироту иловаи пешниҳодшаванда аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ҳомидҷон Ҳакимзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҳомидҷон ҲАКИМЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 2025 таҳти № 2649 лоиҳаи қонуни мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои додани хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд.

Мақсад аз ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» мукаммалсозии салоҳиятҳо ва таъмини риояи дурустии расмиёти хариди давлатӣ аз ҷониби ташкилоти харидор зимни амалисозии харидҳои давлатӣ дар самти таъмини риояи қонунгузории хариди давлатӣ мебошад.

Дар асоси чорабиниҳои ислоҳотии вобаста ба матритсаи чорабиниҳои сиёсати иқтисодӣ дар доираи лоиҳаи Бонки ҷаҳонӣ оид ба татбиқи марҳилаи нави чораҳои сиёсати рушд, дар лоиҳаи қонун пешбинӣ карда мешавад, ки дар низоми хариди давлатӣ мафҳуми «ташкилоти харидори соҳибтахассус» хориҷ карда шуда, дар соҳаи хариди давлатӣ ба ташкилотҳои харидори кишвар ваколати амалисозии фаъолияти харидории муайян дода мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон мавриди омӯзиш қарор дода, онро бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҷамолиддин АБДУЛЛОЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» бо мақсади иҷрои супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва бартараф намудани гуногунфаҳмии мафҳуми дору дар матни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таҳия гардида, тағйироту иловаи зеринро дар бар мегирад:

Дар банди т) моддаи 1 пас аз калимаи «фарматсевтӣ» калимаҳои «, доруи генерикӣ, ғизои таъинотӣ, ашёи хоми доруӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ, маводи фармакологӣ, моддаи ёрирасон» бинобар носаҳеҳӣ ва гуногунфаҳмии мафҳумҳо, амалияи ихтилофноки истифодаи онҳо, яъне мафҳумҳои номбурда дар қонуни мазкур гарчанде пешбинӣ гардида бошанд ҳам, лек дар мафҳуми дору пешбинӣ нагардидаанд, ки батанзимдарории онҳоро дар амалия мушкил мегардонад. Бояд тазаккур дод, ки моддаи 121 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо мафҳуми доруро дар бар мегирад ва ҳангоми ошкор гардидани ҳуқуқвайронкунӣ ба маводи зерин (ғизои таъинотӣ, ашёи хоми доруӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ, маводи фармакологӣ, моддаи ёрирасон) мушкилиҳоро оид ба татбиқи ҷазо ба миён меорад, ки аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ эродҳо манзур гардидааст.

Бо мақсади ислоҳи хатои имлоӣ дар қисми 4 моддаи 26 ва қисми 5 моддаи 44 калимаи «фармасевтӣ» ба калимаи «фарматсевтӣ» иваз карда шудааст.

Бинобар мутобиқ намудани қонуни мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» моддаи 38 дар таҳрири зерин ифода карда шуд: «Иҷозатдиҳӣ барои фаъолияти фарматсевтӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» амалӣ карда мешавад.».

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», ки то қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 22 июни соли 2023 таҳти №1968 амал мекарданд, аз эътибор соқит гардиданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Қиёмиддин Давлатзода дода мешавад. Марҳамат.

**Қиёмиддин ДАВЛАТЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2025 таҳти №221 маъқул дониста шуда, бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 апрели соли 2025 таҳти №27 лоиҳаи қонуни мазкур барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд. Тибқи хулосаҳои кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкур пурра ҷонибдорӣ гардидааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад. Расмиёти дохилӣ вобаста ба қабули лоиҳаи қонуни мазкур тибқи тартиби муқаррааргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони муҳтарам эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

(Давомаш дар саҳ. 6)

Бахшида ба Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА АҲАМИЯТИ СИЁСИИ МАҚОМИ ПОЙТАХТ

**Шаҳри Душанбе - ҳамчун маркази маъмурии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон» маркази маъмурию сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию таълимӣ ва таърихию фарҳангии мамлакат мебошад, ки мақоми махсуси давлатӣ дошта, дар он қароргоҳи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дафтардории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, мақомоти олии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагиҳои дипломатии давлатҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои созмонҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд.**



Мутобиқи қонунгузории кишвар вазифаҳои пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда шуда, дар заминаи он шароити мусоид барои иҷрои вазифаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварда, имкониятҳои рақобатпазирии пойтахт дар байни пойтахтҳои давлатҳои дигари ҷаҳон баланд бардошта шуда, бунёди шаҳр бо рушди устувор ва рушди пойтахт ҳамчун маркази равобити байналмилалӣ самти афзалиятноки амалисозии функсияҳои асосии пойтахт маҳсуб меёбад. Инчунин, фароҳам овардани шароити мусоид барои амалигардонии фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, ҳамчунин, намояндагиҳои дипломатии давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои умумидавлатӣ ва байналмилалӣ ва амалигардонии дигар функсияҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, вазифаҳои муҳимтарини мақомоти давлатӣ дар амалисозии функсияҳои пойтахт мебошад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барномаҳои мақсадноки рушди шаҳри Душанбе, амалӣ намудани нақшаҳои сохтмон, таъмиру таҷдид ва нигоҳдории объектҳо, нигоҳдорӣ ва рушди воситаҳои алоқа, роҳҳои автомобилгард, низоми нақлиёт дар ҳудуди шаҳр, рушди объектҳои хоҷагии коммуналию манзилӣ, ки баҳри қонеъ гардонидани ниёзҳои коммуналию маишии аҳолии шаҳри Душанбе нигаронида шудааст, тарҳрезӣ намуда, чорабиниҳои мухталифро оид ба ҳифзи табиат, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарӣ аз сӯхтор, инчунин, ташкили чорабиниҳо барои бартараф кардани оқибати офатҳои табиӣ, ҳолатҳои фавқулода, пешгирӣ намудани онҳо ва расонидани кумак ба зарардидагон ба таври доимӣ ташкил ва бо сифати баланд амалӣ менамояд. Хусусан, рушди босуръати пойтахти азизамон - шаҳри Душанбе дар даҳсолаи охир бозгӯи татбиқи босифати санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар мебошанд. Дар ин давра вобаста ба таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва рушди тамоми соҳаҳо як қатор барномаҳои давлатӣ вобаста ба имкони таҳким ва тақвияти соҳаҳо аз лиҳози пурра ба танзими ҳуқуқӣ фаро гирифтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва такмили заминаҳои моддию техникӣ ва инфрасохторӣ қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд, ки натиҷагирии фаъолияти сохторҳои гуногуни давлатӣ аз қабули саривақтӣ ва муҳимияти онҳо шаҳодат медиҳад.

Имрӯз шаҳри Душанбе мизбони тамоми чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мебошад. Фаъолияти шаҳрсозӣ, меъморӣ, бунёди боғҳои фарҳангию фароғатӣ, гулгашту мавзеъҳои истироҳатӣ, варзишгоҳҳо ва майдончаҳои замонавӣ, марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва паркҳои технологӣ, қомат афрохтани биноҳои истиқоматии бисёрошёна, боғчаву мактабҳо бо тамоми шароити инноватсионӣ ва китобхонаву муассисаҳои фарҳангӣ симои ягонаи меъмории пойтахтро ба вуҷуд оварда, барои меҳмонону сокинони пойтахт имкони сайри бофароғат ва худташаккулёбии ҳамаҷонибаро фароҳам кардааст.

Ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои рушди пойтахт яке аз тадбирҳои дурбинонаи роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе буда, давоми солҳои охир рушди босуръат шаҳри Душанберо дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун пойтахти фарҳангӣ, сайёҳӣ ва амнтарин шаҳр муаррифӣ намудааст.

Таҳлили вазъи татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки асосҳои ҳуқуқии мақоми пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистонро мустаҳкам намудааст, муайян намуд, ки функсияҳои пойтахт, хусусиятҳои идоракунии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар пойтахт, фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмон дар пойтахт, таъмини бехатарӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ, таъминоти моддиву молиявӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти рушди пойтахт маҳз бо шарофати заҳмату талошҳо ва иқдомҳои беназири Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар сатҳи сифатан нав амалӣ гардида, Душанбе ба шаҳри зебою дилоро, ободу озода, гулпӯшу сабз ва ба як гӯшаи сайёҳии ҷаҳон табдил ёфтааст.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 1 марти соли 2005 шанбеи сеюми моҳи апрел дар мамлакат Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил карда мешавад. Бахшида ба ин рӯз дар шаҳри Душанбе силсилаи чорабиниҳои фарҳангӣ, маърифатӣ ва варзишӣ барои фароғати меҳмонону сокинон дар фазои идонаи мутантан дар заминаи сулҳу субот ва ваҳдату якдилии мардум баргузор карда мешавад, ки ин ҳама ба шарофати Истиқлоли давлатӣ аст.

**Дилноза АҲМАДЗОДА,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ДУШАНБЕ ИМРӮЗ ЗЕБОСТ, ФАРДО ЗЕБОТАР



**Душанбеи гулпираҳан, ки маркази муҳимтарин чорабиниҳои сатҳи минтақаю ҷаҳонӣ гашта, дар он ҳамасола садҳо коршиносони соҳаҳои гуногун аз кишварҳои мухталиф ба ҳам меоянд, бо таърихи бою рангин, санъати баланди меъморӣ, маҷмааву боғҳои фарҳангӣ, роҳу пулҳои бисёрсатҳа, корхонаҳои азими саноатӣ яке аз муҳимтарин шаҳрҳои сайёҳӣ маҳсуб меёбад. Соли 2017 маҷаллаи «The Telegrah» (Британияи Кабир) Душанберо аз ҷумлаи 20 шаҳри тамошобоби қитъаи Осиё муаррифӣ намуда буд. Солҳои минбаъда пойтахти кишвари мо боз ҳам рушд намуда, инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ мустаҳкам гашт.**

Рушду шаҳомати пойтахти кишварамон дар чорабиние, ки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бахшида ба Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе 16-уми апрели соли равон доир намуд, бештар эҳсос гашт.

Маросими ифтитоҳи чорабинӣ бо ҳузури муовини Раиси шаҳри Душанбе Дилбар Одилзода, раиси Кумитаи рушди сайёҳӣ, Ҷамшед Ҷумахонзода, раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Зинатулло Исмоилзода ва як гурӯҳ рӯзноманигорон, аъзои Ассотсиатсияи блогерони Тоҷикистон дар Муассисаи давлатии «Майдони Истиқлол» доир шуд.

Дилбар Одилзода аз таърихи пойтахти кишвар, рушди бесобиқаи он дар марҳилаи нави давлатдорӣ ва ҳамчун шаҳри сайёҳӣ мавриди таваҷҷуҳи оламиён қарор гирифтанаш ёдовар шуд. Аз ҷумла гуфт: «Пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе шаҳри зоҳиран ҷавони дорои таърихи қадима аст. 101 сол аст, ки бо ифтихор вазифаю масъулияти мақому мартабаи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба дӯш дорад. Пойтахти кишвари мо таҳти сарварии шаҳрдори некбинуояндасоз муҳтарам Рустами Эмомалӣ рисолати хешро ҳамчун маркази давлати соҳибихтиёри тоҷикон дар рушди самтҳои гуногуни ҳаёти мамлакат муваффақона иҷро намуда, ба меҳвари ташаббусҳои наву созанда ва шаҳри саёҳату сайёҳӣ мубаддал гардидааст».

Баъд аз маросими ифтитоҳи чорабинӣ аксҳое, ки суратгири маъруфи кишвар Дидор Саъдуллоев аз манзараҳои Душанбе бардоштааст, ба маъраз гузошта шуд.

100 акси манзургашта бозгӯи талошҳои созандаю бунёдкоронаи Роҳбари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси пойтахти кишвар муҳтарам Рустами Эмомалӣ мебошад.

Мо Душанберо дар ин аксҳо на танҳо ҳамчун симои миллати тоҷик ва дарвозаи асосии вуруди меҳмонону сайёҳон ба мамлакат мебинему мешиносем, балки маркази рушди тамаддуни замони нав, инкишофи илму фарҳанг дармеёбему эътироф мекунем.

Ин силсилааксҳо зарфияти сайёҳии мамлакат, бахусус пойтахти кишварро шоиста муаррифӣ менамоянд.

Сипас, сайри журналистон (престур) оғоз гашт. Хатсайрҳои сайёҳии дохилишаҳрӣ - автобусҳои дуқабатаи «Сайри Душанбе» мо - гурӯҳи журналистонро аз Майдони Истиқлол сайри Душанбе, сӯи бисёр ҷозибаҳои гардишгарии шаҳр бурд.

Майдони Истиқлол бо бурҷи ҳамном, ки мо онро рамзи бахти миллат, манораи сулҳу озодӣ медонем, аз ҷолибтарин мавзеъҳои сайёҳии Душанбе мебошад. Ин ҷо ҳар ҷузъиёт рамзу розе дорад. Сайёҳон дар ҳамин макон имкон доранд бо таърихи зиёда аз 6-ҳазорсолаи тоҷикон тавассути 14 деворнигораи атрофи манора, ки намунаи ҳунари волои халқи тоҷик буда, аз давлатдории шоҳони аввалини ориёӣ - Каюмарсу Ҷамшед то рӯзгори имрӯзаи миллати тоҷикро мунъакис мекунанд, ошно шаванд.

Маҷмаа 121 метр дарозӣ дошта, қисми поёниаш 30 метр - ифодакунандаи 30-солагии истиқлоли кишвар аст. Қисмати болоӣ 91 метр тӯл кашида, пайванд бо соли ба даст овардани Истиқлоли давлатист. Дар болои маҷмаа тоҷи қутраш 8-метра ҷилва дорад, ки рамзи давлатдорию соҳибистиқлолӣ ва соҳибтамаддунии миллати бостонии тоҷик аст. Он рамзи дарахти ҳаёт низ ҳаст, ки зиндагии ҷовидонаву сарсабзию устувориро дар худ таҷассум менамояд.

Ошёнаи аввал аз ҳунари волову санъати бемисли миллати тоҷик шаҳодат медиҳад. Намунаи ҳунарҳои мардумӣ ба фазои бино, хоса ошёнаи аввал, руҳи миллӣ бахшидаанд.

Ошёнаи дуюмро, ки дар он Осорхонаи таърихии шаҳри Душанбе созмон ёфтааст, ошёни худшиносӣ метвон унвон кард. Он дар худ садҳо далел аз таърихро ҳифз намудааст ва гузаштаю имрӯзро ба ҳам мепайвандад. Дар осорхона экспонатҳое ҷой дода шудаанд, ки ҳини ҳафриёт аз ҳудуди шаҳри Душанбе пайдо гардидаанд. Ҳар кадоми он ифодагари давраҳои гуногуни таърихи Душанбешаҳрамон мебошанд.

Тахти рамзии шоҳ Исмоили Сомонӣ диққати ҳар бинандаро ба худ мекашад.

Мавзеъҳои сайёҳии Душанбеи азизи мо кам нестанд ва инро бештар замоне эҳсос менамоед, ки ба он ҳамчун сайёҳ назар меафканед. Тибқи ҳафриёти бостоншиносон ҳудуди Душанбе, махсусан соҳилҳои дарёҳои Варзоб, Лучоб ва Душанбе, аз ҷое, ки Лучобу Варзоб ба ҳам пайваст мешаванд ва дарёи Душанберо ба вуҷуд меоранд, маскангоҳи одамони ибтидоӣ будааст. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ, дар ҳудуди имрӯзаи Душанбе одамони нахустин ҳанӯз 220-250 ҳазор сол қабл маскун буданд.



Имрӯз Душанбе аз марказҳои бузургтарини фарҳангию маданӣ ва саноатии Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Бо мақсади мутобиқ намудани иншооти сайёҳии пойтахт ба меъёрҳои байналмилалӣ пулҳои қаторагард, роҳҳои сесатҳа ва дусатҳа, истгоҳҳои наву замонавӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Ҳоло масҷиди бузургтарини Осиёи Миёна дар Душанбе ҷойгир аст, ки зиёда аз 100 ҳазор нафарро дар як вақт ҷой медиҳад. Он бо назардошти санъати меъмории мардуми тоҷик ва ҷаҳон, дар масоҳати 12 гектар бунёд шудааст.

Аз назди Маркази Исмоилия наметавон беттаваҷҷуҳ гузашт. Ин панҷумин Маркази Исмоилия дар ҷаҳон ва нахустин дар Осиёи Марказӣ аст. Қаблан чунин марказҳо дар Британияи Кабир, Канада, Португалия ва Аморoти Муттаҳидаи Араб сохта шудаанд. Меъмории ғайримуқаррарии марказ таваҷҷуҳбарангез аст. Санъати зебои он ифодагари ҳунари волои меъморони Осиёи Марказӣ мебошад.

Яке аз маконҳои дигари дилрабои шаҳр Кохи Наврӯз маҳсуб меёбад, ки соли 2014 бунёд гаштааст. Аз панҷ табақа иборат буда, 40 ҳазор метри мураббаи он кори дасти ҳунармандони тоҷик аст. Толорҳо бо ҳунарҳои миллии мардуми тоҷик, аз қабили гаҷкорӣ, кандакорӣ дар чӯб, мозаика, сангтарошӣ, оинабандӣ шудаанд. Зимнан, ин кохи беназир соли 2019 ба унвони яке аз ҳашт мӯъҷизаи муосири Созмони ҳамкории Шанхай пазируфта шуда буд.

Автобус аз назди «Кӯли ҷавонон», шар-шараи назди «Наврӯзгоҳ», «Боғи Парчам», «Осорхонаи миллӣ», ки аз мавзеъҳои дидании пойтахтамон маҳсуб меёбанд, гузашта моро сӯи кӯчаи марказӣ мебарад.

Кӯчаҳои шаҳр тозаю озодаанд. Аз қабати дуюми автобус Душанбе зеботар ба назар мерасад. Боди серуни баҳор аз атроф атри гулҳоро ба машом меорад. Аз ҳар ҷониб садои мусиқӣ, хандаи тифлакони маъсум ба гӯш мерасад. Сари ҳар қадам сайёҳонро вомехӯрем, ки дар кӯчаҳои шаҳр сайр мекунанд. Ба кадом тарафи шаҳр ки назар меафканем, корҳои сохтмонӣ бо ҷӯшу хурӯш идома доранд. Душанбе имрӯз зебост, аммо фардо шукӯҳи дигаре ба худ касб хоҳад кард.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**



# НИГИНИ ПУРҶИЛОИ ТОҶИ МИЛЛАТ

**Аз файзу баракати Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва иттиҳоду сарҷамъии миллати тоҷик пойтахти Тоҷикистони озоду соҳибихтиёр - шаҳри Душанбе ба чаманзори муаттар, бӯстони дилрабо, мавзеи биҳиштосову руҳпарвар табдил ёфтааст. Ба зебоӣ, латофат ва рушду пешрафти босуръати шаҳри Душанбе назар карда, бори дигар мутмаин мешавем, ки ворисi худшиносу худогоҳи миллати тоҷик дар симои шаҳрдори хирадманду дурандеши он муҳтарам Рустами Эмомалӣ рисолати шаҳрсозии ниёгони соҳибтамаддуни хешро эҳё намудаю сарбаландона идома медиҳад.**

Воқеан, пойтахти Тоҷикистони зебоманзар бо гулгашту хиёбонҳои ороста, боғҳои фарҳангию фароғатӣ гулистонро мемонад. Пиру барно ҳамагӣ дарк мекунанд, ки ин замини зархезу файзбор, ин хоки муқаддаси пурганҷро танҳо меҳру муҳаббат, меҳнати созандаю самимӣ сабзу хуррам кардааст.

Имрӯз Душанбе ба сифати маркази бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ эътироф гаштааст. Дар пойтахти Тоҷикистони соҳибистиқлол бузургтарин ҳамоишҳои сиёсию иқтисодӣ, фарҳангию маданӣ ва варзишӣ баргузор мегардад, ки дар боло рафтани мақому манзалати Душанбе ва муаррифии шоистаи он ба аҳли сайёра мусоидати бештар кард.

Воқеан, Душанбе ҳамасола зеботару маҳбубтар мегардад. Шаҳри дилҳо, шаҳри меҳру садоқат, шаҳри сулҳу ваҳдат бо иқдом ва талошҳои Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҳамчун гаҳвораи камолот рӯз ба рӯз симои худро тағйир медиҳад, боз ҳам ободу зеботар мегардад.

Имрӯз баръало эҳсос мешавад, ки Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ чун як фарзанди содиқ ва созандаву ташаббускор аз давлати соҳибистиқлол, аз ниёгони хеш, забону фарҳанги миллӣ ифтихор доранд, баҳри ҳифзи арзишҳои миллӣ ва шукӯҳи бештар ёфтани пойтахти Тоҷикистон талош меварзанд. Натиҷаи ҳамин талошҳои созанда буд, ки тайи солҳои охир якбора шаҳомати Душанбе афзуд, ҳудудаш васеъ, намояш зебову хуррам, шуҳратёру дилоро гардид. Биноҳои баланду серошёна, қасру толорҳои барҳаво, театру донишгоҳу донишкадаҳои маъруф, биноҳои маъмурию фарҳангӣ ба Душанбе ҳусни дигар зам кардаанд.

Корномаю хизматҳои шоёни Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, меҳнату талош, ҳамдилӣ ва иттиҳоди халқи тоҷик дар атрофи давлату Ҳукумати мамлакат буд, ки Тоҷикистон ва пойтахти он шаҳри Душанбе ба даҳгонаи амнтарин шаҳрҳои олам шомил гардид. Воқеан, баргузории конфронсу ҳамоишҳои байналмилалии сиёсию фарҳангӣ ва варзишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳузури роҳбарон, намояндагони созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ дар пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе эътимоду боварии ҷомеаи ҷаҳониро нисбат ба суботу оромӣ ва амнияти давлату кишвари тоҷикон бештар намудааст.

Бо баракати ҳамин ташаббусҳои созанда имрӯз шукӯҳу шони Душанбе ҳамчун нигини Тоҷикистон машҳури олам гашта, паёми саодату сарбаландии тоҷиконро ба мардуми ҷаҳон мерасонад.

**Самандар ИСКАНДАРЗОДА,**
**директори «Телевизиони Тоҷикистон»**



# ЭЙ САЙҚАЛИ ДУНЁ, ДУШАНБЕ

**Имрӯз ба шарофати сиёсати бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иқдомҳои наҷибонаю созандаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ пойтахти кишварамон ба шаҳри гулпӯшу дилрабо, макони писандидаи сокинони мамлакат ва меҳмонони хориҷӣ табдил ёфтааст. Ҳар рӯз дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва телевизионӣ садҳо навори видеоӣ аз боғу гулгаштҳои шаҳри Душанбе манзур мегардад. Ҳазорон нафар дар зери ин наворҳо бо меҳру муҳаббат ва изҳори ҳайрат ба тарроҳону бунёдкорони боғу гулгаштҳо аҳсан хонда, орзуи дидани ин зебошаҳрро мекунанд.**

Боғҳои фарҳангию фароғатии Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Куруши Кабир, Алишер Навоӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Ҷавонон ва ғайра дили ҳар бинандаро тасхир месозанд. Кас дар ин боғҳо қадам зада, чашмонаш пурнур, қалбаш пур аз сурур ва ҷисмаш неруманд мегардад. Дар натиҷаи зиёд гардидани масоҳати боғу гулгаштҳо, сабзазор намудани шафати роҳҳои нақлиётӣ ва самаранокии корҳои ободонию сабзазоркунӣ алҳол зиёда аз 25 дарсади ҳудуди пойтахти мамлакатро минтақаи сабзазор ташкил медиҳад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намуданд: «Тавре ки мушоҳида мекунем, шаҳри Душанбе сол аз сол ободу зебо ва ҳудуди он васеъ мегардад. Ҳамзамон бо ин, ҳамаи мо ва дар навбати аввал масъулони шаҳрдориро зарур аст, ки барои таъмини зиндагии орому осудаи сокинон, фаъолияти босамари корхонаву муассисаҳо ва будубоши мусоиду бофароғати меҳмонон тамоми шароитро муҳайё созем. Мо бояд дар пойтахт чунин фазоеро фароҳам оварем, ки ҳар як меҳмон имконияти ошноии ҳамаҷониба пайдо кардан ба арзишҳои таърихиву фарҳангии мардуми куҳанбунёдамонро дошта бошад ва муҳаббату меҳмоннавозӣ, муносибати дӯстона ва хайрхоҳонаи моро эҳсос намояд. Дар ин раванд, ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки пойтахт симо ва оинаи давлату миллат мебошад ва барои покизаву пурҷило нигоҳ доштан ва ба ҷаҳониён ба таври арзанда муаррифӣ кардани он ҳамаи сохтору мақомоти шаҳрдорӣ ва ҳар як сокини пойтахт масъулият доранд».

Шаҳри Душанбе, воқеан, дар даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ дар ҷаҳони муосир мақоми шоиста касб намуда, ба ҷаҳониён бо чеҳраи наву замонавӣ ҳамчун «шаҳри сабз» ва маҳбуби дилҳо муаррифӣ гардид. Чунончӣ, соли 2004 бо қарори ЮНЕСКО ба Душанбе мақоми «Шаҳри сулҳ» дода шуд. Соли 2010 бо қарори Созмони ҳамкории исломӣ шаҳри Душанбе «Пойтахти фарҳанги исломӣ» эълон гашт. Инчунин, соли 2016 пойтахти кишварамон сазовори ҷоизаи «Шаҳри сабз»-и Бунёди «Роҳи абрешим» шуд.



Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар китоби «Ахлоқи Носирӣ» чунин фармудааст: «Тавре ки неруи тан дар хислати табиист, неруи хислат дар руҳ, неруи шаҳрҳо дар ҳокимонашон, неруи ҳокимон дар сиёсат, неруи сиёсат бошад, дар хирад ниҳонанд. Ҳангоме ки дар шаҳр хирад эътироф мешавад ва он ҷо қонуни ҳақ ҳукмравоӣ мекунад, назму тартиб мешавад ва майлу такомулаш ба зуҳур меояд».

Шаҳри Душанбе чанд сол боз макони баргузории чорабиниҳои азими байналмилаливу ҷаҳонӣ ва мавзеи диданибоби сайёҳони хориҷӣ гардидааст. Ташрифи теъдоди зиёди меҳмонон дар Наврӯзи имсола гувоҳи ин гуфтаҳост. Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», соли гузашта дар пойтахти кишвар беш аз ду ҳазор нафарро аз 100 давлати аъзои СММ ба ҳам овард.

Аз 28 то 31-уми майи соли равон баргузории аввалин Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» дар назар аст. Баргузории чунин чорабиниҳои сатҳи баланд бори дигар кишвари мо ва пойтахти зебои онро дар сархати расонаҳои хабарии ҷаҳон ҷой хоҳад дод.

Барои ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ шаҳри Душанбе маҳбуби дилу дидаҳо гардидааст. Ҳақ бар ҷониби Шоири халқии Тоҷикистон Низом Қосим аст, ки фармуда:

**Рӯи ту аз рӯи ҷаҳон беҳ,**
**Ҳар кӯчаат аз Каҳкашон беҳ.**
**Эй шаҳри руҳафзо, Душанбе,**
**Эй сайқали дунё, Душанбе.**

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

(Идома аз саҳ. 4)

# НАМОЯНДАИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ДАР СУДИ КОНСТИТУТСИОНӢ ИНТИХОБ ШУД

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Санъат Раҳим дода мешавад. Марҳамат.

**Санъат РАҲИМ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок» аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 22 июни соли 2023 таҳти №1968 дар таҳрири нав қабул гардида, меъёр ва тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта дар қонуни мазкур ба танзим даровarда шудааст. Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор гардидааст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкориро ба қонуни мазкур мутобиқ намояд.

Меъёрҳои дар лоиҳаи қонуни мазкур дарҷгардида пурра ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» мутобиқ гардонида шуданд.

Лоиҳаи қонуни таҳиягардида ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мухолифат надошта, қабули онҳо аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа гардида, мавриди арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ қарор дода шуда, дар онҳо омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дида намешавад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок» овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Насрулло Ҳасанзода дода мешавад. Марҳамат.

**Насрулло ҲАСАНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок» аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур тамоми расмиётро мувофиқи талаботи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузории мамлакат мухолифат надошта, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» мутобиқ гардонида шудааст ва амалишавии меъёрҳои он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки қабул намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби намояндаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Насрулло Маҳмудзода дода мешавад. Марҳамат.

**Насрулло МАҲМУДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Мутобиқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Суди конститутсионӣ адолати судии конститутсиониро амалӣ карда, масъалаҳои ҳуқуқро муайян ва ҳал намуда, мувофиқатии санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Тибқи муқаррароти моддаи 36 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагон салоҳият дорад, намояндаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро интихоб намояд. Масъалаи мазкур дар ҷаласаи Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 апрели соли ҷорӣ баррасӣ гардида, мутобиқи банди 505 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Раиси Маҷлиси намояндагон ҳамчун намояндаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон номзадии Хайриддинзода Азизбек пешбарӣ гардид.

**Хайриддинзода Азизбек** 5 июли соли 1979 таваллуд шудааст.



Миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ. Соли 2002 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм кардааст. Аз забонҳои хориҷӣ забони русиро медонад. Бо медали «Хизмати шоиста» сарфароз гардида, судяи «дараҷаи якуми тахассус» мебошад. Оиладор.

Фаъолияташ соли 2000 дар суди шаҳри Душанбе оғоз шуда, дар вазифаҳои котиби маҷлиси судии суди шаҳри Душанбе, судяи суди ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, судяи суди ноҳияи Носири Хусрав, судяи суди иқтисодии шаҳри Душанбе, муовини раиси суди иқтисодии вилояти Суғд, раиси суди иқтисодии вилояти Хатлон, муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Аз 19 марти соли 2025 узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният мебошад.

Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки номзадии Хайриддинзода Азизбекро барои интихоб шудан ба намояндаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби намояндаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - **Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эрод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаи имрӯзаро пӯшида эълон менамоям.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

Барои дарёфти Ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ

# ЧАКОМАИ МУҲАББАТ

**Ҳар китоб ҳатман чизеро ба хонанда медиҳад, ҳадди ақал бархе аз иттилоъро, вале китобҳои хуб на танҳо иттилоъ медиҳанд, балки хонандаро ба андеша кардан водор месозанд. Хонанда аз мутолиаи чунин китобҳо неку бадро мешиносад, сатҳи андешааш ба таври мусбат тағйир меёбад ва ба марҳилаи болотари фикрӣ мерасад.**

Китобҳои хуб аслан бо забони одӣ ва ба ҳама фаҳмо иншо мешаванд, ахлоқи ҳамидаро тарғиб менамоянду инсонҳоро сӯи рӯшноӣ мебаранд. Тавре нависандаи забардасти рус Лев Толстой фармудааст: «Ашёи олии ҳунарӣ фақат ба ин далел олӣ ҳастанд, ки барои ҳама дастрас ва қобили дарканд».

Китоби «Офтоби беғуруб»-и нависанда Нозир Ёдгорӣ аз қабили китобҳои олие мебошад, ки ман имсол мутолиа кардам. Маҷмуа, ки соли 2024 аз ҷониби нашриёти «Балоғат» ба чоп расидааст, як қисса (повест), як қиссаи ҳуҷҷатӣ, понздаҳ ҳикоя, як эссе ва як ёддошти солҳои охир эҷодкардаи муаллифро дар бар гирифтааст.

Адабиётшиноси маъруф, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ Аскар Ҳаким дар яке аз мақолаҳояш чунин менависад: «Асри XX барои иҷтимои мардуми тоҷик асре буд пур аз шиддати муборизаҳо, сохтанҳою барандохтанҳо, сарфарозию сарафкандагиҳо, асре буд, ки низоми чандсадсолаи зиндагиаш аз ҳам фуру рехт, аз нав ба тариқи тоза барқарор шуд... Дар ин шикастану бастанҳои таърих хулқу атвор, феълу хӯй, хуллас, характери халқ зоҳир гашта, қобили ҳаёт ва худсозӣ будани он бори дигар санҷида шуд. Ин ба нависанда мавод ва имкони фаровоне медиҳад, ки таъсири иҷтимоии замонро дар сарнавишти шахс ва саҳми шахсро дар дигаргунсозии иҷтимоии замон ба таҳлилу тадқиқ гирад» (Аскар Ҳаким. Маҷмуаи осор. – Хуҷанд: Ношир, 2017. Ҷилди 4).

Устод Аскар Ҳаким зимни ин таъкид дар қатори Саттор Турсун, Ҷонибек Акобиров, Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, Муҳаммадраҳими Сайдар, Абдурофеъ Рабизода ва дигар нависандагон, ки дар ин самт тозаҷӯиҳо ва дастовардҳои назаррас доранд, барҳақ, аз Нозирҷон Ёдгорӣ низ ном бурдааст.

Истиқлоли давлатӣ барои адибони мо озодии эҷодиро муҳайё сохт ва дар наср асарҳои аз ҷиҳати мавзую мундариҷа, шакл, сохтор, забону услуб нав ва қобили таваҷҷуҳ ба майдон омаданд. Китоби «Офтоби беғуруб» яке аз офаридаҳои арзишманди адабиёти тоҷик дар даврони истиқлол аст.

Қиссаи «Офтоби беғуруб» ва ҳикояҳо силсилаи ба ҳам пайваст буда, воқеаҳо асосан дар як деҳа мегузаранд ва қаҳрамонони онҳо, амсоли Рамазони Тоҳиру Давлати Зард, Усто Маҳмуду Саиди кафтар, кампири Сайрам ва дигарон, бо ҳам робита дошта, бо хулқу атвори худ дар дилу хотири хонанда мемонанд.

Дар омади гап, чунин падида дар адабиёти ҷаҳон маълум аст, ки онро «тамосили гузаранда» меноманд, масалан, дар асарҳои Ф. Достоевский (Вечная Сонечка), В. Аксенов (Володя Телескопов, Филларион Фофанофф) ва ғайра.

Такрори тамосил (қаҳрамонҳо) дар эҷодиёти муаллиф бо хусусиятҳои раванди эҷодӣ ва пайванди муаллиф бо ҷою макон ва одамони алоҳида баста буда, аз онҳо ҷудо шудан барояш душвор аст. Нозир Ёдгорӣ дар бораи қаҳрамонҳояш дар пешгуфтори «Офтоби беғуруб» менависад: «...онҳо аз қисса ба қисса, аз ҳикоя ба ҳикоя гузашта, эҷоди маро, балки худи маро пурраву қудратманд намудаанд. Ин одамонро ман дӯст медорам, чунки порае, заррае аз онҳоям...».

Одамоне, ки ба қавли муаллиф «ягон каси онҳо ба якдигар заррае бадбинӣ надоранд», бисёр шӯханд, ҳаҷви латиф доранд, баъзан бо ҳам сари масъалае хархашву ҷидол ҳам кунанд, зуд бо ҳам оштӣ мешаванд. Ба ёд оред ҳикояи «Эҳёи осиёби куҳна» ва суханони қаҳрамони он Аҳмад Нуралиро: «Биё оштӣ шавем! Дунёи дурӯза мегузарад, хоҳ бовар кунӣ - хоҳ не, некӣ мемонад...». Ин суханон ба Содиқ таъсир мекунад ва ду ҳамдеҳа, ки аз сабаби ноҷӯрии бачаҳояшон қаҳрӣ шуда буданд аввал ба ҳам даст медиҳанд ва баъд якдигарро ба оғӯш мекашанд.

Ёдгорӣ, мисли Шукшин, зиндагӣ дар шаҳр ва деҳаро як навъ муқоиса мекунад ва авлавиятҳо ва дидгоҳҳои мухталиферо дар мавриди зиндагӣ нишон медиҳад. Ҳам дар қиссаи «Офтоби беғуруб» ва ҳам дар ҳикояҳои «Эҳёи осиёби куҳна», «Даъво», «Коммунист», «Сареву савдое», «Заволи бизнеси хурд», «Тағйири лақаб», «Бобо ва набера» ахлоқи ҷомеа, хусусан ҷавонон, муносибати волидайн ва фарзандон дар маркази таваҷҷуҳи нависанда қарор гирифтаанд. Он чӣ ки дар замони ҷаҳонишавии бошитоб, рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, саноатикунонӣ ва шаҳрнишинӣ (urbanization; урбанизация) мардум торафт бештар ба шаҳрҳо, «наздиктар ба маркази тараққиёту тамаддун», кӯч мебанданд ва деҳаҳо камодам мегарданд, то ҷое муаллифро нигарон месозад.

Ногуфта намонад, ки бисёре аз мо аз деҳот баромадаем – яке пештар, дигаре баъдтар. Деҳа меодгоҳи мост. Сарчашмаю решаи ҳамаи мо дар деҳот аст. Маҳз, дар ҳамон ҷо характери миллии




мо ба вуҷуд омадаю ташаккул ёфтааст.

Нозир Ёдгорӣ зодаи деҳаи Кадучии ноҳияи Восеъ, яке аз деҳаҳои калонтарини кишварамон мебошад ва дар бисёр мақолаву очеркҳояш дар бораи одамони одӣ ва сарбаланди зодгоҳаш, ки асосан ба кишоварзӣ машғуланд, бо муҳаббат ва ихлосмандӣ қалам рондааст. Муаллиф қаҳрамонҳояшро аз наздик мешиносад, бо онҳо бисёр вохӯрда, шиштухез ва суҳбатҳо кардааст, хулқу атворашонро хуб медонад. Ин деҳа ва одамони он дар китоби «Офтоби беғуруб» тимсоли тамоми Тоҷикистон ва ҳамаи мардуми он ба назар меоянд.

Он қиссаи дилнишин ва таҳрикдиҳандаест: қаҳрамони асосӣ озими деҳа мешавад, то ки қабри модарашро зиёрат кунад, як каф дуо хонад, хонаеро, ки дар он кӯдакию наврасиаш гузаштааст, таъмир кунад, ба ифоқа орад. Ӯ дар ҳар кунҷу канори хона осори модарро мебинад ва розӣ ҳаст, ки «хонаи сеҳуҷрадорашро ба боду борон диҳаду ин ду хоначаи пастаки сақфашон ҷо-ҷо дудолудро ҳифз намояд».

Ба арвоҳи модар чунин муноҷот мекунад: «Модар! Ту аз бари ман, аз сари ман рафтӣ! Барои нигоҳ доштанат, ақаллан ба таъхир андохтани сафарат Худоро зораву нола мекардам, табибу мулло меовардам, шабҳоро паҳлӯи болини ту рӯз мекардаму рӯзҳоро шаб, вале кам кардам, яқин кам кардам; акнун, худро нафрин мехонам, ки чаро ту бемор будию ман ба кор мерафтам, ту аз дард нола мекардию маро гоҳо ғанаб мебурд... Ман аз ту қарздор мондам ва ин қарзро то қиёмат канда наметавонам...».

Ва сипас ба хонанда муроҷеъ мешавад: «Эй мардум! Фаҳмида бошед: бо ҳама чизе, ки дорем, бо оилаву фарзанд, бо дӯстону ақрабо, бо мансабу манзалат, бе Модар танҳо ва бечораю хор мешавем. Ҳузури Модар, дидори Модар беҳтарин неъмату нусрат аст. Ба қадри он ҳатман бояд расид. Баъд ҳама мисли ман орзу мекунед ва илтиҷо менамоед, ки «Илтимос, ба хобам даро, Модар! Ба хобам даро, то ақаллан дар хоб бо ту дидор бинаму суҳбат бикунам...».

Барои нависанда асос ва моҳияти ҳама чизҳои заминӣ Модар аст. Дар айни замон ӯ муҳаббат ба Модарро наметавонад бидуни муҳаббат ба Ватан тасаввур намояд, барояш ин ҳар ду ба ҳам тавъаманд. Ва ин пайвастагӣ ҳамчун як хати қирмиз аз тамоми нигоштаҳои адиб мегузарад. Ҳатто унвони китоб ба ҳамин маънии воло ишора мекунад.

Оё метавонад офтоб беғуруб бошад? Вақте ман ин суолро ба «зеҳни сунъӣ» додам, чунин посух гирифтам: «Бале, метавонад. Дар рӯи Замин ҷойҳое ҳастанд, ки офтоб ғуруб намекунад, масалан, дар Қутби Шимол (Арктика). Дар он ҷо падидае вуҷуд дорад, ки офтоб беш аз як шабонарӯз зери уфуқ фурӯ намеравад ва ин ҳолат беш аз шаш моҳ идома меёбад», вале «зеҳни сунъӣ» намедонад, ки дар Тоҷикистон низ офтоб ғуруб намекунад. Нозир Ёдгорӣ аз қавли қаҳрамони марказии қиссааш ин ҳолатро чунин баён доштааст: «Ногоҳ аз дилам гузашт, ки дар ин ҷо (манзур деҳае, ки дар он воқеаҳои асар мегузаранд – С.С.) офтоб ҷовидонӣ буда, асло ғуруб намекунад, чунки ҳар кас дар дили гарми худ офтобе дорад. Ҳама гӯё ба кору бори одию муқаррарии худ, ба зиндагии худ машғуланд, вале онҳо бе ҳамдигар зиндагӣ карда наметавонанд. Онҳо якдигарро дӯст медоранд, ба ҳамдигар хеле наздиканд. Ин ҳамон муҳаббат ва наздикии байни одамон аст, ки дар ҳама асру замон боиси наҷоти бани одам, то замони мо зинда мондани одамизод ва идома ёфтани зиндагӣ гардидааст».

Офтоби беғуруб моҳиятан, аз рӯи дарку тасвири муаллиф, Ватани азизи мо – Тоҷикистон аст.

Ин ҷо чунин мисраъҳои шоире ба ёд меоянд:

**Ишқ – яъне офтоби беғуруб,**
**Ишқ – яъне осмон, яъне фурӯғ.**
**Ишқ – яъне дил тапидан баҳри дӯст ,**
**Ишқ – яъне ҷони ман қурбони ӯст.**

Яъне, мавзуъ ва ангезаи асосии китоби «Офтоби беғуруб» ишқ аст, муҳаббат аст: муҳаббат ба Ватан, ба Модар, ба волидон, фарзандон, хешу ақрабо, ёру дӯстон, ба тамоми ҳамзамонон, ҳамзаминон. Муҳаббат ба инсонҳо, ба меҳнати ҳалол, ободкорӣ, зебоӣ ва зебоипарастӣ, ки ин ҳама асоси зиндагист.

Қаҳрамони марказии қисса ба деҳа меравад ва зану фарзанди худро, ки дар шаҳранд, ёд мекунад. Дар шаҳр ёди деҳа, ёди модару хола, ҳамдеҳагонаш мекунад.

Ба ақидаи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, ишқ сарчашмаи ҳаёт, такондиҳандаи ҳама гуна ҳаракат, сабаби таҷдиди коинот, неруи тағйирдиҳанда ва дигаргунсозандаи олам аст.

Ин аз мавзуъҳои асосӣ ва ҷовидонии адабиёт аст. Ва ҳар нависанда ва шоир кӯшиш мекунад онро бо нигоҳи нав, аз рӯи дидаву шунидаҳои худ ва эҳсосоти шахсии худ тасвир кунад. Чуноне Нозир Ёдгорӣ кардааст.

Ҳамин минвол, дар қиссаи ҳуҷҷатии «Бо ҷодаи нур», эссеи «Корнамоӣ дар марзи номус» ва ёддошти «Бародари ман – Шоҳмузаффар Ёдгорӣ» муаллиф бо муҳаббат дар бораи одамони сарбаланде ҳарф мезанад, ки зиндагиномаи онҳо, кору фаъолияти онҳо саршор аз муҳаббат ба Ватани худ - Тоҷикистон мебошад.

Қиссаи ҳуҷҷатии «Бо ҷодаи нур» ба ҳаёт ва фаъолияти аввалин энергетик аз тоҷикони водии Кӯлоб Иброҳим Исмоилов, ки шабакаҳои барқи минтақаи ҷанубии кишварро роҳбарӣ мекард, бахшида шудааст. Иброҳим Исмоилов ва баъдан писараш Мирзо Исмоилзода чандин сол сарварии ширкати «Барқи тоҷик» (собиқ «Тоҷикглавэнерго»)-ро бар уҳда доштанд. Муаллиф дар зимн аз устодону ҳамкорон ва ҳамсафони Иброҳим Исмоилов – ректори ҳамонвақтаи Донишкадаи политехникӣ (ҳоло Донишгоҳи техникӣ) академик Муҳаммад Осимӣ, Василий Люлчак, Иван Ломакин, Амирхон Ғозиев, Баҳром Сироҷев, Пётр Непорожный, Ҳамза Аҳмедов, Сафаралӣ Ниёзов, Абдулло Ёров, Самӣ Шариф ва бисёр дигарон, ки якҷоя дар ташаккул ва рушди низоми энергетикии Тоҷикистон ҳиссаи сазовор гузоштаанд, бо камоли қадршиносӣ ёдовар шудааст.

Нависанда роҳи паймудаи онҳоро ба «ҷодаи нур» ташбеҳ додааст, ҷодае, ки қувваи «бо пӯлоду оҳан аз оби дарё нур полондан, онро қадам ба қадам бо пояҳои азамат ва вусъати хати симин ба тамоми кишвар, ба ҳар хонадон интиқол додан дорад», ҷодае, ки «дили деҳа-деҳа ва шаҳр-шаҳр одамонро гарму рӯшан ва зиндагиро барои онҳо осону гуворо намудааст».

Эссеи «Корнамоӣ дар марзи номус»-ро як навъ солномаи сохтмони бузургтарин иншооти аср – НБО «Роғун» метавон ном бурд, ки дар он муаллиф маҷмуи далоил ва арқоми саҳеҳ, гуфтугӯҳо ва гирумонҳои қобили таваҷҷуҳ, аснод ва ахбори таърихиро фароҳам овардааст. Бешак, ӯ беҳтарин намунаи публисистикаро дар ин мавзуъ офаридааст. Дар охирсухан ба он нависанда чунин нигоштааст: «Ман дар бораи Неругоҳи барқи обии «Роғун» бисёр хондаам ва навиштаам. «Роғун»-ро хеле хуб эҳсос мекунам ва дӯст медорам; бо он чӣ медонистаму медонам, бо он ки зиёда аз бист сол боз бо системаи энергетикии кишвар робитаву алоқа дорам, дар муборизаи шадиде, ки барои бунёди «Роғун» ангехта буданд, ширкат варзидаам ва то ҷое метавонистам, Роғунро ҳифз ва тарафдорӣ намудам...».

Воқеан, Нозир Ёдгорӣ аз ибтидои солҳои 2000-ум ба ҳайси сардори хадамоти матбуоти ҶСК «Барқи тоҷик» фаъолият кардааст ва чуноне мегӯянд, «дар деги ин соҳа ҷӯшидааст», бинобар ин, навиштаҳояш дар ин мавзуъ пухтаву хуштаъманд ва хонанда онҳоро хуб ҳазм мекунад. Шоири шаҳири Амрико Генри Лонгфелло хуб гуфтааст: «Ҳамин ки шахсияти нависандаро дарк кардед, дарки осори ӯ бароятон душвор нахоҳад буд».

Бале, Ёдгорӣ дар мавзуи «Роғун» зиёд навиштааст. Яке аз китобҳои дигари ӯ соли 2010 бо номи «Роғун» - ҳамкори офтоб» дар айни «мухолифат ва муборизаҳо ба муқобили Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба табъ расида буд. Чунин ном гирифтани китоб, ба қавли муаллиф, «ба он маънӣ буд, ки манфиати Роғуни мо, тавре офтоб ба ҳама – ба хубу ганда, ба баду нек, ба сарватманду бечора – баробар нуру зиё мебахшад, ба тамоми ҷомеа мерасад. Он амсоли офтоби дувуме хоҳад гашт, ки аз кишвари мо тулӯъ намуда, минтақаро нуру ҳарорат хоҳад дод...».

Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илми сиёсатшиносӣ, ходими намоёни давлатӣ Асадулло Раҳмон ба китоби дигари Нозир Ёдгорӣ - «Ваҳдати моро шаҳодатнома дод» (Душанбе, «Балоғат», 2020) сарсухан навишта, чунин зикр намудааст: «Ҳар як сухани муаллиф дар ин китоб самимист. Вақте сухан самимӣ бошад, гӯшнавоз мешавад ва он дар зеҳну тафаккури хонандаи закӣ ҷойгоҳи худро меёбад».

Як мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони воситаҳои ахбори омма ба ёдам меояд, ки 8-уми декабри соли 2009 дар Хонаи радио баргузор шуда буд. Пешвои миллат ба котиби матбуотии ширкати «Барқи тоҷик», нависанда ва журналист Нозир Ёдгорӣ барои ҳимояи фаъолонааш аз манфиатҳои сиёсию иқтисодии Тоҷикистон аҳсант хонда буданд.

Аз он пештар, соли 1997, дар анҷумани XI нависандагони Тоҷикистон Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон чунин савол ба миён гузоштанд: - Ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстии мардумро кӣ бояд баланд бардорад? Ва худ посух дода буданд: шоир, нависанда, олим, рӯзноманигор.

Ба андешаи камина, китоби тозанашри яке аз адибони номдори мо Нозир Ёдгорӣ «Офтоби беғуруб» ҳамчун чакомаи муҳаббати муаллиф ба Тоҷикистон ва мардуми он чун дигар асарҳои қаблиаш, ба ин арзёбии Пешвои миллат пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Саидалӣ СИДДИҚ,**
**Корманди шоистаи Тоҷикистон**

*Дар куҷо таҳсил ва кадом ихтисосро бояд интихоб намуд?*

# МАРҲАБО БА ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ХАТЛОН!



## ҚОИДАҲОИ ҚАБУЛИ ҲУҶҶАТҲОИ ДОНИШҶӮЁН БА ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ХАТЛОН БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2025-2026

Қоидаҳои қабули ҳуҷҷатҳои донишҷӯён ба Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон (минбаъд-ДДТХ) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2025-2026», «Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи Квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Оинномаи Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон таҳия шудааст.

Ба курси якуми ҳамаи факултетҳои ДДТХ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мешаванд, ки шаҳодатномаи намунаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ, дипломи намунаи давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки дар он гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ қайд шудааст ва инчунин, дипломи намунаи давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ доранд.

Дар ДДТХ омодасозии мутахассисон аз ҷумлаи шаҳрвандони Тоҷикистон ба тариқи буҷавӣ ва шартномавӣ амалӣ мегардад.

Шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ, инчунин, хориҷиёну шахсони бетабааи муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ДДТХ дар асоси «Қоидаҳои қабули довталабон – шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба роҳ монда шуда, мувофиқи шартнома ва созишномаҳои байнидавлатӣ фақат аз тариқи шартномавӣ дар сурати доштани ҳуҷҷати баробарэътирофии таҳсилот, тариқи озмун (суҳбат) ва пас аз пардохти музди таълим қабул карда мешаванд.

Таҳсил дар ДДТХ рӯзона аст. Муҳлати таҳсил мувофиқи «Консепсияи ислоҳоти тиббӣ ва фарматсевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, дар факултети тиббӣ 6 сол, педиатрӣ - 6, стоматологӣ - 5, фарматсевтӣ - 5, тиббӣ-профилактикӣ 6 сол мебошад.

**Довталабон ба комиссияи қабул баъди гузаштан аз озмуни Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:**

- ариза ба номи ректор;
- ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти умумӣ (пурра), ибтидоӣ ва миёнаи касбии намунаи давлатӣ – нусхаи аслӣ;
- маълумотномаи тиббӣ (шакли №038);
- таҳлили озмоишӣ аз рӯи гепатитҳои В, С;
- маълумотнома аз ҷойи зист
- 8 адад сурат (андозаи 3х4 см);
- шиноснома;
- билети ҳарбӣ ё шаҳодатномаи ҳарбии даъватшаванда;
- хулосаи Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи манъ карда нашудани таҳсил барои довталабони маъюби гурӯҳҳои 1 ва 2-юм дар ихтисос (ҳо)-и интихобкарда.

**Шахсоне, ки дар асоси озмуни Маркази миллии тестӣ аз имтиёзҳо бархӯрдор шудаанд, ҳуҷҷатҳои зеринро ба таври ҳатмӣ пешниҳод менамоянд:**

- ғолибони ҷойҳои аввали озмуни ҷумҳуриявӣ аз рӯи фанҳои химия ва биология соҳиби медали тилло гардидаанд - тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ғолибони ҷойҳои аввали олимпиадаҳои байналмилалӣ аз рӯи фанҳои химия ва биология соҳиби медали тилло гардидаанд - тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- шахсоне, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро бо медали тилло хатм намудаанд – шаҳодатномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- шахсоне, ки ҳамчун маъюби гурӯҳҳои 2 ва 3 мебошанд - шаҳодатномаи тиббӣ;
- ятимон (то 21-сола) – нусхаи хатти вафоти волидайн бо тасдиқи идораи нотариалӣ.

**Духтарон ва писарон, ки тибқи Квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия мешаванд, бар иловаи ҳуҷҷатҳои дар боло номбаршуда бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоянд:**

- қарори Шурои педагогии мактаб;
- тавсияи шуъбаи маорифи ноҳия ё шаҳр;
- роҳхати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ё шаҳр.

Довталабони зикршуда бояд ҳуҷҷатҳои лозимии тасдиққунандаро дар муҳлати муқарраргардида, пас аз натиҷаи эълони ММТ ба комиссияи қабул пешниҳод намоянд. Дар мавриди сари вақт пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо ва ё ҷой доштани камбудию норасоиҳо дар ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ҳуҷҷатҳои онҳо қабул карда намешаванд.

Маълумоти дуюм тибқи «Қоидаҳои қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм» амалӣ мегардад. Барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷие, ки дорои диплом дар бораи хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошанд (пас аз эътирофи баробарарзишии дипломи онҳо), тибқи шартнома қабул карда мешаванд.

Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои довталабон ба комиссияи қабул аз 1 июл то 25 август ва муҳлати гузаронидани суҳбат аз 26 то 30 август таъин карда мешавад. Комиссияи қабул то қабули ҳуҷҷатҳои довталабон номгӯи саволномаҳои суҳбатро аз рӯи равия ва ихтисосҳо таҳия намуда, теъдоди қабули донишҷӯёнро тибқи нақшаи қабул аз рӯи равия ва ихтисосҳои амалкунанда ба роҳ мемонад. Барои баргузории суҳбат бо довталабони мазкур комиссияи аттестатсионӣ таъсис дода мешавад. Донишҷӯёне, ки барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ ҳуҷҷат супоридаанд, танҳо баъди гузаштан аз суҳбат ба сафи донишҷӯён шомил мегарданд.

## ФАКУЛТЕТҲО ВА ИХТИСОСҲОИ ДОНИШГОҲ

| № | Факултет | Рамзи ихтисосҳо | Номгӯи ихтисосҳо | Тахассус | Муҳлати таҳсил |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Тиббӣ | 1- 79.01.01 | «Кори табобатӣ» | Табиб | 6 сол |
| 2 | Педиатрӣ | 1-79.01.02 | «Педиатрия» | Табиби кӯдакона | 6 сол |
| 3 | Стоматологӣ | I-79.01.07 | «Стоматология» | Табиб-стоматолог | 5 сол |
| 4 | Тиббӣ - профилактикӣ | 1-79.01.03 | «Кори тиббӣ-профилактикӣ» | Табиб-гигенист, эпидемиолог | 6 сол |
| 5 | Фарматсия | 1-79.01.08 | «Дорусозӣ» | Дорусоз | 5 сол |
| 6 | Шаҳрвандони хориҷӣ | | Вобаста ба факултет | | 5 сол |
| 7 | Таҳсилоти дуюм | | Вобаста ба факултет | | 4/6 сол |

**ЭЗОҲ: муҳлати қабули ҳуҷҷатҳо дар асоси эълони такрорӣ пас аз озмуни ММТ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва озмуни Квотаи президентӣ муайян карда мешавад.**











**СУРОҒАИ МО: 735320, ноҳияи Данғара, кӯчаи И.Шарифов 3.**
**КОМИССИЯИ ҚАБУЛ. ТЕЛ.: (83312) 21034, 21029.**
**E-MAIL: info@khatmedun.tj www.khatmedun.tj**

# ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ «АЛИФ БОНК»

**ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДИГАР ДАРОМАДИ УМУМӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2024 АНҶОМ ЁФТААСТ**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳот | Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 5 | 168,168 | 139,591 |
| Хароҷоти фоизӣ | 5 | (52,543) | (39,064) |
| **Даромади софи фоизӣ то таъсири хароҷот аз рӯйи талафоти қарзӣ** | | **115,625** | **100,527** |
| Ташаккули захира аз рӯйи талафоти қарзӣ | 16 | (4,120) | (7,650) |
| **Даромади софи фоизӣ** | | **111,505** | **92,877** |
| Даромад аз хизматрасонӣ ва комиссия | 6 | 112,327 | 63,635 |
| Хароҷоти хизматрасонӣ ва комиссия | 6 | (105,253) | (56,061) |
| **Даромади соф аз хизматрасонӣ ва комиссия** | | **7,074** | **7,574** |
| Даромади соф аз воситаҳои молиявии деривативӣ | 7 | (2,842) | 624 |
| Даромади соф аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | 8 | 101,228 | 29,759 |
| Ташаккули захира аз рӯйи амалиёти дигар | 20 | (217) | (177) |
| Дигар даромад | 9 | 11,202 | 759 |
| **Дигар даромади ғайрифоизӣ** | | **109,371** | **30,965** |
| **Даромади амалиётӣ** | | **227,950** | **131,416** |
| Хароҷоти амалиётӣ | 10 | (174,513) | (128,859) |
| **Даромад то андозбандӣ** | | **53,436** | **2,557** |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 11 | (10,559) | (3,464) |
| **ФОИДАИ/(ЗАРАРИ) СОФИ СОЛ** | | **42,877** | **(907)** |
| **ДАРОМАДИ/(ЗАРАРИ) УМУМИИ СОЛ** | | **42,877** | **(907)** |
| Фоида/(зарар) аз рӯйи саҳмия, одӣ ва тақсимшуда (бо сомонӣ) | 27 | 314.1 | (8.2) |

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

**Гуланор Атобек** **Раис** — **Комрон Рустамов** **Сармуҳосиб**

20 марти соли 2025
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҲИСОБОТ ОИД БА ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ ДАР САНАИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2024**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳот | 31 декабри соли 2024 | 31 декабри соли 2023 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо | 12 | 560,350 | 466,296 |
| Воситаҳои пулии барои истифода маҳдуд | 13 | 92,335 | 57,508 |
| Амонатҳои муҳлатнок дар дигар бонкҳо | 14 | - | 4,990 |
| Коғазҳои қиматнок барои сармоягузорӣ | 15 | 2,229 | - |
| Қарзҳо ба мизоҷон | 16 | 849,324 | 502,200 |
| Воситаҳои асосӣ | 17 | 50,828 | 43,552 |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 18 | 26,952 | 27,790 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 19 | 34,046 | 28,648 |
| Дороиҳои андоз аз фоида | 11 | 23,026 | 23,399 |
| Дигар дороиҳо | 20 | 22,865 | 139,285 |
| **ҲАМАГӢ ДОРОИҲО** | | **1,661,955** | **1,293,668** |
| **УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| УҲДАДОРИҲО: | | | |
| Маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 21 | 63,482 | 30,326 |
| Воситаҳои молиявии деривативӣ | 7 | 23 | |
| Амонатҳои мизоҷон | 22 | 1,271,612 | 1,015,148 |
| Уҳдадориҳои иҷоравӣ | 18 | 33,896 | 34,036 |
| Қарзҳо барои пардохт | 23 | 36 | 244 |
| Қарзҳои субординарӣ | 24 | 27,873 | 28,803 |
| Уҳдадориҳои андоз аз фоида | 11 | 5,346 | - |
| Дигар уҳдадориҳо | 25 | 38,060 | 34,305 |
| **Ҳамагӣ уҳдадориҳо** | | **1,440,328** | **1,142,862** |
| САРМОЯ: | | | |
| Сармояи саҳомӣ | 26 | 153,600 | 110,597 |
| Сармояи изофа | | 7,363 | 6,422 |
| Захираҳои умумӣ | | 6,369 | 6,369 |
| Захира барои ҳолатҳои ғайричашмдошт | | 240 | 240 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 54,055 | 27,178 |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | **221,627** | **150,806** |
| **ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | **1,661,955** | **1,293,668** |

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

**Гуланор Атобек** **Раис** — **Комрон Рустамов** **Сармуҳосиб**

20 марти соли 2025
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ПРИГЛАШЕНИЕ НА ПОДАЧУ КОТИРОВОК

## Печать и распределение: 1. Руководство по росту и развитию ребенка до 6 лет для Республики Таджикистан 2. Клинический протокол по прегравидарному уходу

**НАЗВАНИЕ ПРОЕКТА:** Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала

Республика Таджикистан получило грантовое финансирование со стороны Всемирного банка для покрытия расходов Проекта «Раннее развитее детей для наращивания человеческого потенциала в Таджикистане» и намерена использовать часть средств на печать и распределение: 1. Руководство по росту и развитию ребенка до 6 лет для Республики Таджикистан 2. Клинический протокол по прегравидарному уходу.

Исходя из вышесказанного ГРП МФ РТ проводит тендер по ниже заявленному пакету и любезно просит заинтересованные компании/фирмы предоставить свои котировки на:

**1. Печать и распределение: 1. Руководство по росту и развитию ребенка до 6 лет для Республики Таджикистан**

**2. Клинический протокол по прегравидарному уходу**

При подготовке коммерческого предложения фирмы должны руководствоваться прилагаемой формой, которую можно получить по указанному ниже адресу или по электронной почте с 9:00 до 15:00 по местному времени.

Котировки и другая дополнительная информация должны быть представлены по электронной почте или в печатном виде по указанному ниже адресу до 15:00, 30 апреля 2025 года.

Министерство финансов Республики Таджикистан

ул. Шероз 35, 7 этаж, Душанбе.
(Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ).
**E-Mail:** jobs.info@ecdp.tj **Тел:** (37) 221-06-91.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 428544 | Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири бинои хобгоҳи МДТ «Литсейи касбӣ-техникии шаҳри Бохтари вилояти Хатлон» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 26.04.2025 13:50:00 |
| 2 | 428545 | Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбӣ-техникӣ дар ноҳияи Фархор» (корҳои пардоз ва электрикӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 26.04.2025 14:00:00 |
| 3 | 428532 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №72-и ноҳияи Фирдавсӣ | Таъмири ҷории бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №72-и ноҳияи Фирдавсӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.05.2025 16:50:00 |
| 4 | 428533 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №71-и ноҳияи Шоҳмансур | Таъмири ҷории бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №71-и ноҳияи Шоҳмансур | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.05.2025 17:00:00 |
| 5 | 428534 | Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангӣ-фароғатии «Ҷавонон»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Таъмири нақшавии дохили бинои маъмурӣ, таъмири майдончаҳои варзишӣ, насби ҷӯйборҳо ва таъмири курсиҳо ва беседка дар Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангу фароғатии «Ҷавонон»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.05.2025 17:25:00 |
| 6 | 428531 | Стансияи ёрии таъҷилии тиббии шаҳри Хоруғ | Сӯзишворӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 06.05.2025 17:40:00 |
| 7 | 428535 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии политехникии шаҳри Душанбе» | Таъмири ҷории ошёнаи 4-уми бинои асосии МДТ «Литсейи касбии политехникии шаҳри Душанбе» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.05.2025 17:40:00 |
| 8 | 428475 | Беморхонаи марказии шаҳри Хоруғ | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 19 | 06.05.2025 18:00:00 |
| 9 | 428539 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №38»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 24 | 07.05.2025 08:25:35 |
| 10 | 428541 | Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангу фароғатии ба номи Абулқосими Фирдавсӣ»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Ниҳоли гулҳо | Озмуни кушод | Мол | 5 | 07.05.2025 08:47:55 |
| 11 | 428540 | Муассисаи таҳсилоти томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №21 ба номи «Шукуфаҳои Истиқлол»-и ҷамоати Хистеварзи ноҳияи Б. Ғафуров | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 30 | 07.05.2025 08:50:35 |
| 12 | 428537 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Данғара | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 07.05.2025 08:59:56 |
| 13 | 428538 | Дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе | Молҳои канселярӣ ва хоҷагӣ | Озмуни кушод | Мол | 41 | 07.05.2025 09:00:00 |
| 14 | 428542 | Корхонаи воҳиди давлатии коммуналии Сарраёсати ободонӣ ва хоҷагии манзилию коммуналии шаҳри Хуҷанд | Таҷҳизоти равшанидиҳӣ, блокҳои таъминот, маводи электротехникӣ ва сохтмонӣ | Озмуни кушод | Мол | 19 | 07.05.2025 09:25:35 |
| 15 | 428543 | Муассисаи таълими томактабии кӯдакистони №15-и ҷамоати Ёваи ноҳияи Б. Ғафуров | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 26 | 07.05.2025 09:40:35 |
| 16 | 428536 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Бланкаҳо | Озмуни кушод | Мол | 2 | 07.05.2025 10:00:00 |
| 17 | 428546 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №17-и шаҳри Бохтари вилояти Хатлон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 29 | 07.05.2025 10:15:15 |
| 18 | 428547 | Мактаби санъати бачагонаи шаҳри Бохтари вилояти Хатлон | Таҷҳизот, ашёҳо ва асбобҳои мусиқӣ, чехолҳо, хилъат барои навозандагон, курсиҳо ва стабилизатор | Озмуни кушод | Мол | 17 | 07.05.2025 10:20:55 |
| 19 | 428549 | Муассисаи давлатии «Назорати ҳолати мелиоративии заминҳо ва истифодаи об»-и АБЗ ва О | Насосҳои обкашӣ, муҳаррикҳои барқӣ ва қуттии тақсимоти барқ | Озмуни кушод | Мол | 5 | 07.05.2025 10:50:00 |
| 20 | 428550 | Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Хатлон | Камуфляж, бушлати зимистона, либоси ҳаррӯзаи корӣ, пойафзол ва сарпӯшҳо | Озмуни кушод | Мол | 7 | 07.05.2025 10:50:25 |
| 21 | 428552 | Рӯзномаи «Хатлон»-и вилояти Хатлон | Чопи рӯзномаи ранга бо теъдоди 696000 адад бо расонидан то анбори фармоишгар | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 07.05.2025 11:25:55 |
| 22 | 428551 | Муассисаи давлатии «Назорати ҳолати мелиоративии заминҳо ва истифодаи об»-и АБЗ ва О | Беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ тариқи тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо дар ноҳияҳои вилояти Суғд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 07.05.2025 11:30:00 |
| 23 | 428554 | Рӯзномаи «Хатлон»-и вилояти Хатлон | Чопи рӯзнома бо теъдоди 460000 адад бо расонидан то анбори фармоишгар | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 07.05.2025 11:35:40 |
| 24 | 428555 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии №15» | Хизматрасонӣ оид ба васлу насби таҷҳизоти зиддисӯхтор огоҳикунанда дар бинои Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии №15» | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 07.05.2025 12:50:00 |
| 25 | 428556 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии 5» | Молҳои канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 18 | 07.05.2025 14:09:25 |
| 26 | 428557 | Раёсати тиббии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 07.05.2025 14:20:00 |
| 27 | 428558 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятӣ» - и шаҳри Душанбе | Маводи ташхисии лабораторӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 45 | 07.05.2025 14:25:00 |
| 28 | 428559 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №134»-и ноҳияи Фирдавсӣ | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 37 | 07.05.2025 15:38:28 |
| 29 | 428560 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории нақбҳо ва шабакаи равшанидиҳӣ» | Кабелҳо, аккумуляторҳо, таҷҳизоти рӯшноидиҳанда, таҷҳизоти барқӣ, чароғак ва корпуси чароғак | Озмуни кушод | Мол | 31 | 07.05.2025 16:10:00 |
| 30 | 428563 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 27 | 07.05.2025 18:15:42 |
| 31 | 428566 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №38»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 52 | 08.05.2025 08:25:35 |
| 32 | 428564 | Шуъбаи сохтмони асосии ВМКБ | Идомаи сохтмони хонаи фарҳанг дар деҳаи Шидзи ноҳияи Рӯшон (чиндани девори бино аз хишт, трибунаҳо, болопӯши бино аз бетон, зинапояҳо, айвон, болопӯши бино аз тунука, корҳои пардозӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 08.05.2025 09:00:00 |
| 33 | 428568 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Ниҳоли гулҳо | Озмуни кушод | Мол | 5 | 08.05.2025 10:21:51 |
| 34 | 428570 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Масолеҳи сохтмонӣ, поруи органикӣ ва шиббаи ғелон барои тахт кардани роҳ | Озмуни кушод | Мол | 11 | 08.05.2025 10:32:52 |
| 35 | 428569 | Ёрии таъҷилии тиббии шаҳри Бохтар | Қисмҳои эҳтиётии автомашинаҳо | Озмуни кушод | Мол | 15 | 08.05.2025 10:35:05 |
| 36 | 428572 | Ёрии таъҷилии тиббии шаҳри Бохтар | Доруворӣ, молҳо барои бандубаст ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 47 | 08.05.2025 10:40:35 |
| 37 | 428574 | Кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Вахш | Маводи дизенфексионӣ ва шустушӯӣ | Озмуни кушод | Мол | 6 | 08.05.2025 10:50:15 |
| 38 | 428575 | Маркази мубориза бар зидди бемориҳои сили ноҳияи Хуросон | Таъмири ҷории бинои Маркази мубориза бар зидди бемориҳои сили ноҳияи Хуросон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 08.05.2025 10:55:15 |
| 39 | 428571 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои азнавсозию таъмирии собиқ бинои ҶСК «Агроинвестбонк» барои Нозироти андоз дар ноҳияи Тоҷикобод | Озмуни кушод | Кор | 1 | 08.05.2025 11:00:00 |
| 40 | 428576 | Раёсати сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Сохтмони варзишгоҳи марказӣ барои 2640 ҷой дар ноҳияи Кӯшониён | Озмуни кушод | Кор | 1 | 08.05.2025 11:15:15 |
| 41 | 428578 | Муассисаи давлатии «Боғи Парчами давлатӣ» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории роҳраву пайроҳаҳо дар ҳудуди боғ (рӯйпӯш кардани фаршҳои ҳамвор ё ороишӣ аз плитаҳои гранитӣ, шумораи плитаҳо дар 1 $м^2$: то 4 дона) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 08.05.2025 11:20:00 |
| 42 | 428573 | Раёсати тиббии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти тиббӣ, доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 319 | 08.05.2025 11:30:00 |
| 43 | 428579 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 08.05.2025 13:40:00 |
| 44 | 428580 | Муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №83»-и ноҳияи Сино | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 10 | 08.05.2025 14:14:18 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ЭЪЛОНИ ОЗМУН (ТЕНДЕР)

FURUZ

## ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРДИ «ФУРӮЗ» ОИД БА ХАРИД ВА ВАСЛ НАМУДАНИ СИСТЕМАИ БАРҚӢ БО ПАНЕЛҲОИ ОФТОБӢ ОЗМУН ЭЪЛОН МЕКУНАД

### НОМГӮИ ХИЗМАТРАСОНӢ

**ХАРИДИ СИСТЕМАИ БАРҚӢ БО ПАНЕЛҲОИ ОФТОБӢ БАРОИ ТАЪМИНИ ҚУВВАИ БАРҚ ДАР БИНОҲОИ ҶДММ ТАҚХ «ФУРӮЗ»:**

<table>
<tr><th>№</th><th>Номгӯй</th><th>Талаботи техникӣ (андоза)</th><th>Шумора</th></tr>
<tr><td rowspan="12">1</td><td colspan="2">Панели офтобӣ</td><td rowspan="12">1</td></tr>
<tr><td>Қувваи номиналӣ</td><td>580w</td></tr>
<tr><td></td><td></td></tr>
<tr><td>Шумораи панелҳо - 144 адад</td><td>2,30x1,13</td></tr>
<tr><td>Кабели пайвасткунанда инвертор - 100 метр</td><td>4x10 мм</td></tr>
<tr><td>Кабели пайвасткунии панел - 2000 м</td><td>1,6 мм</td></tr>
<tr><td>Инвертор - 12 квт 3 фаза - 4 адад</td><td>12 квт *3 фаза</td></tr>
<tr><td>Инвертор 8 квт 1 фаза - 6 адад</td><td>8,8квт *1 фаза</td></tr>
<tr><td>Аккумлятор (батарея) 16 квт - 9 адад</td><td>16 квт * 150 A</td></tr>
<tr><td>Профил барои насби панел - 144 панел</td><td></td></tr>
<tr><td>Штекерҳои коммуникатсионии пайвасткунӣ - 288 адад</td><td></td></tr>
</table>

**Пардохтҳои бақайдгирии гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ карда бошад.**

Шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ метавонанд ҳуҷҷатҳои дахлдорро ба суроғаи ҶДММ ТАҚХ «Фурӯз», воқеъ дар суроғаи шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 27, ирсол намоянд.

Тамоми маблағҳо дар пешниҳодҳо бояд бо пули миллӣ – сомонӣ дарҷ шуда бошанд ва андозбандии дахлдорро ҳамроҳӣ намоянд. Маблағи системаи барқии офтобӣ бо тарзи ғайринақдӣ пардохт карда мешавад.

Шартномаи харид ва фурӯши системаи барқии офтобӣ бо номзадҳое баста мешавад, ки пешниҳоди хубтарин ва бо нархи дастрас ба Ташкилот пешниҳод намоянд.

Муҳлати охири қабули пешниҳодҳо **30 апрели соли 2025, соати 17.00** ба анҷом мерасад.

E-mail барои ирсоли пешниҳодҳои электронӣ: **info@furuz.tj**

**Телефон:** +992 918-50-76-71.

## ДАРАК ДИҲЕД!

Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба шаҳрванд Ҷураев Аъзам Манонович, санаи таваллудаш 2 августи соли 1989, маҳалли зисташ - шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҳаёти нав, хонаи 10, пешниҳод менамояд, ки ба суд ҳозир шавад ё аз ҷои зисташ хабар диҳад. Аз ҳамаи онҳое, ки дар бораи Ҷураев А.М. маълумоте доранд, хоҳишмандем ба суди ноҳияи Сино хабар расонанд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Иқтибоси гумшуда аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ (РЯМ 0110009818, РМА 010003916), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 15 майи соли 2002, ба Корхонаи воҳиди давлатии суғуртавии «Тоҷиксармоягузор» додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи гумшудаи шаҳрвандии силсилаи A02041837, ки онро ШМД Навобод ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ 26 июни соли 2019 ба Латипова Сайнисо Абдумановна додааст, эътибор надорад.

Дипломи гумшудаи силсилаи ПТ-I №256707, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе 2 июли соли 1992 таҳти қайди 2007 ба Амирасланова Наталя Дилгамовна додааст, эътибор надорад.

Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Нусратулло Махсум, бинои 6/4, хонаи 9, ба Шарипова Фарида Фарҳодҷоновна додааст, эътибор надорад.

Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2022 ба донишҷӯи факултети «Тибби ветеринарӣ» Давронов Фирдавс Муродалиевич додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА №1528689, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №41-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2023 ба Муборакшои Миралӣ додааст, эътибор надорад.

Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2018 ба донишҷӯи факултети «Тибби ветеринарӣ» Ҳасанов Аброр Абдуҷабборович додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БМMҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Дилшоди Барно, бинои 17, хонаи 15, ба Каримов Мурталӣ Абдулмуминович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БМMҒ» дар шаҳри Душанбе 19 апрели соли 2022 таҳти қайди №75043 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Нусратулло Махсум (собиқ Исмоили Сомонӣ), бинои 71/1, хонаи 20, ба Дилафрӯзи Раҷабалӣ додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №1293400, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и ноҳияи Дарвоз соли 2024 ба Назриев Наврӯз Мустафоевич додааст, эътибор надорад.

Шартномаи гумшуда дар бораи иштирок дар сохтмони бинои маъмурӣ – истиқоматӣ, ки 18 январи соли 2021 байни ҶДММ «Азизи сохтмон» ва Давронова Рухсора Нозимовна бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи С. Айнӣ, бинои 48, блоки Б, квартира дар ошёнаи 4-ум, бо масоҳати 90, 55 метри мураббаъ баста шудааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

Кооперативи тиҷоратии «Азизи Ислом» (РМА 600004893, РЯМ 6010003579), ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент 29 июли соли 2011 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «Сафина сохтмон» (РМА 030033594, РЯМ 0310021736), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 4 апрели соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «НФС Ҳадиятилло» (РМА 600013309, РЯМ 6010005586), ки онро 24 октябри соли 2017 Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «Муҳаммад тиҷорат» (РЯМ 0210033661, РМА 020059867), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 27 майи соли 2024 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

## ТАСҲЕҲ

Дар ҳисоботи молиявии Равзанаи бонкии исломии Фонди қарзии хурди «Имон», ки дар саҳифаи 8-и рӯзномаи «Садои мардум» 11 апрели соли 2025 №45-46 (4941-4942) нашр шудааст, сарлавҳа «Равзанаи бонкии исломии Фонди қарзии хурди «Имон» хонда шавад.

Садои мардум
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 18 апрели соли 2025, соати 10:45 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35305 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва С. Суннатӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97